ҒАРИБШО ТО ОХИРИН НАФАС БО МАРДУМ БУД с. 8

ЧАРХАИ «РОҒУН» АЗ ВЕНА МЕОЯД с. 6

ТАҲХОНА ТАВАҚҚУФГОҲ АСТ Ё МАҒОЗА? с. 5

# ТОҶИКИСТОН

№ 26 (1690), 1.07.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ЯРМАРКАИ ҶОЙҲОИ КОР

## Ҳисобот муҳим ё натиҷа?




PRESSA
.TJ
Хабарҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон



pressa.tj

ДАР ИН ШУМОРА:

**ТОҶИКИСТОНУ ИМА**
Амният ва иқтисод
дар меҳвари ҳамкориҳо с.3

**$ 251 МЛРД**
Осиёи Марказӣ ба
ин маблағ ниёз дорад с.6

**СУЛҲ БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА**
СММ пешниҳоди
Тоҷикистонро пазируфт с.7

**БАҚО СОДИҚОВ**
Тоҷикистон дар рӯҳу
равонам аст... с.8

**ТАБРИЗ ШАҲИДӢ**
Меъмори бозори менеҷменти
ситораҳои Русия с.10

**ХУРШЕД АТОВУЛЛО**
"Блогер"-и ӯ чӣ иштибоҳ
кардааст? с.13

**ВАРЗИШ**
Марҳилаи дуюм бо пирӯзӣ
шуруъ шуд с.15

**КАНЗИ ШИФО**
10 фоидаи оббозӣ
ба саломатӣ с.12

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ЧАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд



*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*



*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


# БОЗДИДИ ДАБИРИ КУЛЛИ СААД АЗ МАРЗИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН

**Дабири кулли Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) Таалатбек Масадиқов зимни сафари кории ба Тоҷикистон аз чанд дидбонгоҳи марзӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон боздид кард.**

Тавре СААД хабар медиҳад, сафари Масадиқов аз 24 то 26-уми июн идома дошта, ӯ аз марзи ҷанубии минтақаи масъулияти СААД, як қатор дидбонгоҳои сарҳадӣ, гузаргоҳи назоратӣ ва се қисми ҳарбӣ дидан кардааст.

Инчунин, Дабири кулли СААД бо ҷараёни сохтмони роҳи сарҳадӣ дар минтақаи кӯҳистонӣ ва душворгузари ноҳияи Шамсиддин Шоҳин шинос шуда, бо корҳои ичрошаванда аз наздик ошно гардидааст.

Дар доираи сафар Масадиқов бо намояндагони Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба татбиқи барномаи байнидавлатии СААД оид ба таҳкими марзи Тоҷикистону Афғонистонро баррасӣ кардааст.

Қаблан СААД эълон карда буд, ки барои муқовимат бо гурӯҳҳои ифротгарое, ки дар минтақаҳои ҳаммарз бо Афғонистон фаъолият мекунанд, нақшаи чораҳои муштаракро таҳия кардааст. Ёдовар мешавем, ки дарозии марзи давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон тақрибан 1 400 километр буда, он яке аз самтҳои муҳими таъмини амнияти минтақа ба ҳисоб меравад.

# БАРНОМАИ НАВИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ БАР ЗИДДИ МАВОДИ НАШЪАОВАР

**Русия барои татбиқи барномаи сесолаи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Тоҷикистон 413 миллион рубл, муодили 5,46 миллион доллар ҷудо мекунад.**

Созишномаи даххлдор миёни Вазорати корҳои дохилии Русия ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба имзо расид.

Тибқи иттилои Сафорати Русия дар Тоҷикистон, маросими имзои санад ба таври фосилавӣ баргузор шуда, қаблан онро раиси Агентии назорати маводи нашъаовари Тоҷикистон Зафар Самад ва вазири корҳои дохилии Русия Владимир Колокольцев имзо карда буданд.

Ба гуфтаи манбаъ, барномаи нав дар давоми се сол амалӣ гардида, марҳилаи нави ҳамкории ду кишварро дар самти таъмини амният ва мубориза бо гардиши ғайриконунии маводи нашъаовар оғоз мекунад.

Барномаи қаблии ҳамкорӣ дар ин самт солҳои 2023-2025 татбиқ шуда, барои иҷрои он тақрибан 250 миллион рубл ҷудо гардида буд.

Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2025 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Тоҷикистон 5 ҳазору 280 килограмм маводи нашъаовар мусодира кардаанд, ки нисбат ба соли 2024-ум 898,8 килограмм (21 фоиз) зиёд мебошад. Аз ин миқдор 2 ҳазору 742 килограмм маводи нашъаовар дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ошкор ва мусодира шудааст.



# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МАФАЛДА ДУАРТЕ

**1-уми июли соли равон дар шаҳри Душанбе мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо директори иҷроияи Бунёди иқлими сабз Мафалда Дуарте баргузор шуд.**

Ҷонибҳо дар мулоқот масоили ҳамкорӣ ва баргузории ҷаласаи 45-уми Шурои мудирони Бунёд дар шаҳри Душанберо баррасӣ карданд.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамкории судманди Тоҷикистон ва Бунёди иқлими сабз, ки имрӯз дар ҳоли рушд қарор дорад, изҳори қаноатмандӣ намуд.

Ба масоили вобаста ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряххо дар минтақаҳои кӯҳӣ, мудирияти захираҳои об ва коҳиши хавфу таҳдидҳои офатҳои табиӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Аз тасдиқ шудани Барномаи кишварии сармоягузории Бунёд дар Тоҷикистон ва Барномаи нави минтақавии "Аз пиряхҳо то ҳоҷагидорон" истиқбол карда шуд.

## САРИ САБЗ



**Ҷӯрабек МУРОДОВ,**
**Ҳунарманди халқии Тоҷикистон**

**- Бисёр чизҳои паст рафта истодааст. Шеърҳои паст ҳам, оҳангҳои паст ҳам рафта истодааст. Як чизҳое, ки ба тоҷик намезебад. Мо дар вақти советӣ ҷонбозӣ карда, либоси тоҷикӣ пӯшида, бо асбобҳои миллӣ тоҷикӣ мехондем. Ҳоло вазъ хароб шуда истодааст.**

*- Эҳа, наход ҳаминро дарк карда натавонед, ки замона дигар аст? Асбоби миллӣ бо либоси тоҷикӣ зеб дорад. Ҳоло бошад, асбобҳои барқӣ бо либосҳои мӯди авруоӣ. Масалан, ягон рэпсарои "футболкапӯш" зери навои дутор ё рубоб рэп намехонад ку!*



**Фараҳ ОРИФӢ,**
**рассом ва заргари тоҷик**

**- Дар кӯдакӣ ман бо кадом сабабе зуд-зуд гӯшвораҳоямро гум мекардам... Шиори ман - "Nature inspired", ки маънояш илҳом аз табиат аст. Барои ман фардияти ҳар шахсе, ки аз ман маҳсулот мехарад, муҳим аст. Зеро ҳар яки мо беҳамтоем.**

*- Зӯр, махсусан ҳамин ҷумлаатон ҷолиб: ҳар яки мо беҳамтоем. Вале ҳама он фардиятҳое, ки аз мо маҳсулот мехаранд, боз ҳам беҳамтотаранд. Медонед барои чӣ? Зеро, аломи гӯшвораҳои дар кӯдакӣ гумшударо дур мекунанд.*



**Гулбону НАВРӮЗОВА,**
**дӯзанда ва атласу адрасбоф**

**- Ҳангоми омода кардани адрас ҳар як ришта аҳамияти махсус дорад. Барои ҳосил шудани нақшу нигори зебо риштаҳоро аз байни 360 сим мегузаронем. Агар ҳатто як нах ҷойи худро иваз кунад, тамоми нақш вайрон мешавад. Баъзан барои танҳо риштагузаронӣ як рӯзи пурра вақт сарф мегардад.**

*- Ҳммм, мо шуморо нафаҳмидем. Чунин ибрози назар оё реша дар рақобат надорад? Акнун ҳар нафаре, ки ба атласу адрасбофӣ шавқ дорад, 360 сим аз пеши назараш дур намешавад.*

# МУКОЛАМАИ НАВИ ДУШАНБЕ ВА ВАШИНГТОН

## Амният ва иқтисод дар меҳвари ҳамкориҳои Тоҷикистону ИМА



**30-юми июни соли 2026 дар шаҳри Вашингтон даври даҳуми машваратҳои солонаи сиёсӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Америко баргузор гардид. Ин нишаст, ки пас аз танаффуси чаҳорсола доир шуд, аз муҳимтарин рӯйдодҳои дипломатии муносибатҳои ду кишвар дар солҳои охир ба ҳисоб меравад.**

### АМНИЯТ МЕҲВАРИ АСОСИИ ҲАМКОРӢ

Машваратҳо таҳти роҳбарии вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ва ёвари котиби давлатии ИМА оид ба Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Пол Капур баргузор шуда, ҳамзамон дар доираи ин сафар мулоқоти алоҳидаи Сироҷиддин Муҳриддин бо котиби давлатии ИМА Марко Рубио низ сурат гирифт.

Тавре Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар дод, ҷонибҳо дар машваратҳои сиёсӣ масъалаҳои амнияти минтақавӣ, аз ҷумла мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷинояткории фаромарзиро муфассал баррасӣ кардаанд. Ҳар ду кишвар аҳамияти ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ барои таҳкими сулҳу субот ва рушди устувори Осиёи Марказӣ таъкид намудаанд.

Аз ҷониби худ, Департаменти давлатии ИМА низ таъкид кардааст, ки Тоҷикистон дар пешгирии густариши терроризм ва ҷиноятҳои фаромиллӣ аз қаламрави Афғонистон нақши калидӣ дорад. Ин арзёбӣ нишон медиҳад, ки Вашингтон Тоҷикистонро яке аз шарикони муҳими худ дар масъалаҳои амнияти минтақавӣ медонад.

Бо дарназардошти ҳаммарзии беш аз 1300-километраи Тоҷикистон бо Афғонистон, масъалаҳои амниятӣ ҳамеша дар маркази муносибатҳои Душанбе ва Вашингтон қарор доштаанд. ИМА солҳои зиёд барои таҳкими иқтидори неруҳои марзбонӣ, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва рушди имкониятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон кумак кардааст.

### ИҚТИСОД - САМТИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Яке аз мавзуҳои муҳими гуфтушунидҳои Вашингтон густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ будааст. Дар мулоқоти Сироҷиддин Муҳриддин бо Марко Рубио масъалаҳои афзоиши ҳаҷми савдои дуҷониба, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва ҷалби ширкатҳои амрикоӣ ба иқтисоди Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҷонибҳо имкониятҳои ҳамкориро дар самтҳои саноат, энергетика, инфрасохтори нақлиётӣ, иқтисоди рақамӣ, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои афзалиятнок ва ғайраро баррасӣ кардаанд.

### ТАВАҶҶУҲ БА МАЪДАНҲОИ МУҲИМ

Дар изҳороти расмии Департаменти давлатии ИМА махсусан ба рушди ҳамкорӣ дар бахши маъданҳои муҳим (Critical Minerals) ишора шудааст. Ин мавзуъ имрӯз яке аз авлавиятҳои сиёсати иқтисодии Америко маҳсуб мешавад.

Солҳои охир рақобати ҷаҳонӣ барои дастрасӣ ба маъданҳои стратегӣ хеле шадид шудааст. Литий, сурма, волфрам, нуқра, мис ва дигар металлҳои нодир барои истеҳсоли батареяҳои мошинҳои барқӣ, таҷҳизоти электронӣ, саноати кайҳонӣ ва технологияҳои ҳарбӣ заруранд. Тоҷикистон дорои захираҳои бойи маъданҳои кӯҳӣ мебошад ва коршиносон бар ин назаранд, ки метавонад ба яке аз таъминкунандагони муҳими ашёи хом дар минтақа табдил ёбад.

Ҳанӯз моҳи ноябри соли 2025 ширкатҳои амрикоӣ ва тоҷикӣ созишномаҳои ҳамкориро ба маблағи беш аз 3 миллиард доллар имзо карда буданд.



> **КОРШИНОСОН БАР ОН НАЗАРАНД, КИ НАТИҶАҲОИ САФАРИ СИРОҶИДДИН МУҲРИДДИН БА ВАШИНГТОН НИШОН МЕДИҲАНД, КИ ҲАМ ДУШАНБЕ ВА ҲАМ ВАШИНГТОН МЕХОҲАНД МУНОСИБАТҲОИ ХУДРО БЕШТАР АМАЛӢ ВА ИҚТИСОДМЕҲВАР СОЗАНД.**

### ФОРМАТИ C5+1

Дар мулоқоти Марко Рубио ва Сироҷиддин Муҳриддин ҳамчунин аҳамияти ҳамкорӣ дар доираи формати C5+1 таъкид гардид.

Ин платформа Иёлоти Муттаҳида ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистонро муттаҳид мекунад.

Дар доираи ин формат масъалаҳои амният, иқтисод, энергетика, тағйирёбии иқлим, нақлиёт ва рушди минтақавӣ баррасӣ мешаванд. Вашингтон солҳои охир кӯшиш дорад маҳз тавассути ҳамин механизм ҳамкориҳои худро бо кишварҳои минтақа густариш диҳад ва ҳузури худро дар минтақа муассир созад.

### ҲАМКОРӢ ДАР БАХШИ ТАНДУРУСТӢ

Яке аз мавзуҳои ҷолиби мулоқот ҳамкорӣ дар бахши тандурустӣ буд. Департаменти давлатии ИМА аз имзои Ёддошти тафоҳуми панҷсолаи дуҷониба дар моҳи апрели соли 2026 ёдовар шуд.

(Давомаш дар саҳ 11)

# $300 МЛН БАРОИ ИДОМАИ СОХТМОНИ «РОҒУН»

**Бонки ҷаҳонӣ барои маблағгузории марҳалаи дуюми сохтмони НБО “Роғун” ба Тоҷикистон 300 миллион доллари дигар кумаки молиявӣ ҷудо мекунад. Қарори ҷудо шудани ин маблағ рӯзи 30-юми июн аз ҷониби ҳайати мудирони Бонки ҷаҳонӣ тасдиқ шудааст.**

Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон 1-уми июл хабар дод, ки маблағи мазкур дар доираи марҳалаи дуюми созишномаи дастгирии сохтмони нерӯгоҳи “Роғун” пешниҳод мешавад. Ин ниҳод аз роҳбарияти Бонки ҷаҳонӣ барои дастгирии пайвастаи ин лоиҳаи муҳими энергетикӣ изҳори сипос кардааст.

Бонки ҷаҳонӣ низ бо нашри иттилоия эълон кард, ки 300 миллион доллар аз ҳисоби маблағҳои грантии Ассотсиатсияи байналмилалии рушд ҷудо мешавад. Ин маблағ барои идомаи корҳои сохтмонӣ, харидорӣ ва насби таҷҳизоти истеҳсоли нерӯи барқ, назорати сифат, риояи талаботи бехатарӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои экологӣ ва кӯчонидани хонаводаҳои зарардида равона хоҳад шуд. Ба иттилои Бонки ҷаҳонӣ, татбиқи лоиҳа метавонад беш аз 30 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда, дастрасии беш аз 10 миллион сокини Тоҷикистонро ба нерӯи барқ беҳтар кунад. Ҳамчунин, интизор меравад, ки бо анҷоми ин нерӯгоҳ ҳаҷми истеҳсоли энергияи таҷдидшаванда дар Осиёи Марказӣ афзоиш ёбад.

Дар маҷмуъ, Бонки ҷаҳонӣ барои идомаи сохтмони “Роғун” дар ду марҳала 650 миллион доллар сармоягузорӣ мекунад. Марҳалаи аввал, ки 350 миллион долларро дар бар мегирифт, охири соли 2024 тасдиқ шуда буд.

Барои маблағгузории сохтмони нерӯгоҳ бо шарикони рушд ба маблағи беш аз 2 миллиард доллар созишномаҳо имзо шудаанд. Барои анҷоми пурраи лоиҳа то соли 2035 дар маҷмуъ 6,4 миллиард доллар зарур доништа мешавад. НБО “Роғун” бузургтарин лоиҳаи энергетикии минтақа ба шумор меравад. То имрӯз ду чархаи он ба кор даромада, ба истифода додани чархаи сеюм соли ҷорӣ дар назар аст. Иқтидори умумии нерӯгоҳ 3600 мегаваттро ташкил медиҳад.

(Ниг. ба саҳ. 9)



Нетаняҳу:
## АЗ ЛУБНОН ХОРИҶ НАМЕШАВЕМ…

**Бенёмин Нетаняҳу, нахуствазири Исроил дар сафараш ба минтақаҳои таҳти назорати артиши Исроил дар ҷануби Лубнон гуфт, то замоне ки Ҳизбуллоҳ барои амнияти Исроил таҳдид боқӣ мемонад, неруҳои исроилӣ аз ин минтақа ақибнишинӣ намекунанд.**

Ӯ рӯзи сешанбе, 30-юми июн дар дидор бо сарбозон таъкид кард, ки хузури артиши Исроил дар ҷануби Лубнон идома хоҳад ёфт. Ин нахустин сафари Нетаняҳу ба ин минтақа пас аз тавофуқи амниятии Исроилу Лубнон аст, ки ҳафтаи гузашта бо миёнҷигарии ИМА ҳосил шуд. Гузоришҳо мегӯянд, ки дар ин даргириҳо беш аз 4 ҳазор сокини осоишта кушта ва зиёда аз як миллион нафар овора шудаанд.

BBC

Зеленский:
## РУСИЯ ПЕШНИҲОДИ СУЛҲРО РАД МЕКУНАД



**Владимир Зеленский, президенти Украина мегӯяд, ки Русия дар беш аз чаҳор соли гузашта борҳо муҳлатҳои таъиншуда барои ишғоли минтақаҳои шарқии Украинаро ба таъхир андохта, ҳамаи пешниҳодҳои сулҳро рад кардааст.**

Ӯ рӯзи 29-уми июн гуфт, ки Кремл дар ин муддат 15 амалиётро барои тасарруфи Донбасс пешбинӣ карда буд, аммо ҳар бор иҷрои он ба таъхир афтод. Ин изҳорот дар вокуниш ба суханони Владимир Путин садо дод, ки пешниҳоди Украина барои коҳиши танишҳо ва таваққуфи ҳамлаҳои дурбурдро рад карда буд. Зеленский афзуд, ки раҳбарияти Русия аз вазъи дохилии худ, аз ҷумла камбуди сӯзишворӣ дур мондааст ва инро паёмади мустақими ҷанг номид. Ба гуфтаи ӯ, Маскав ҳамоно бар тасарруфи пурраи Донетск, Луганск, Запорожье ва Херсон тамаркуз дорад, дар ҳоле ки неруҳои украинӣ ҳамлаҳои дурбурди худро идома медиҳанд.

Deutsche Welle



## ТАНГАИ ҲУРМУЗ ДАР ДАСТИ КИСТ?

**МАҚОМОТИ АМРИКОӢ ХАБАР МЕДИҲАНД, КИ ГУФТУГУҲОИ ФАННӢ ДАР БОРАИ ТАТБИҚИ БАХШҲОИ ТАФОҲУМНОМАРО ИДОМА МЕДИҲАНД ВА ДАР ҲОЛИ ҲОЗИР ДУ ТАРАФ АЗ ШИДДАТ ДОДАНИ ВАЗЪ ХУДДОРӢ МЕКУНАНД. ҲАМЧУНИН ГУФТА ШУДААСТ, КИ КИШТИҲО МЕТАВОНАНД ОЗОДОНА АЗ ТАНГАИ ҲУРМУЗ УБУР КУНАНД.**

Пештар пойгоҳи “Аксиос” ва чанд расонаи дигар низ ба нақл аз мақомҳои амрикоӣ хабар дода буданд, ки намояндагони Амрико ва Эрон бояд дар Доҳа - пойтахти Қатар дар бораи идомаи раванди дипломатӣ ва амнияти тангаи Ҳурмуз гуфтугӯ кунанд. Аммо хабаргузории “Ройтерз” навиштааст, ки Эрон мулоқоти мустақим бо фиристодагони баландпояи Амрикоро рад карда ва таъкид намудааст, ки иртиботҳо феълан аз тариқи миёнҷигарон, аз ҷумла Қатар сурат мегиранд.

Мақомҳои амрикоӣ мегӯянд, “ҳеҷ чиз лағв нашудааст” ва интизор доранд, ки дар рӯзҳои оянда гуфтугӯҳои бештар анҷом шаванд. Бо ин ҳол, мақомоти Эрон то ҳол мавқеи ниҳоии худро дар бораи идомаи музокироти мустақим эълон накардаанд.

Меҳвари асосии ин раванд тангаи Ҳурмуз аст, ки яке аз гузаргоҳҳои муҳими интиқоли нафт ва гази ҷаҳон ба шумор меравад. Пас аз оғози танишҳои низомӣ ҳаракати киштиҳо дар ин масир коҳиш ёфта буд. Тибқи гузоришҳо, тафоҳумномаи миёнаи моҳи июн пешбинӣ мекунад, ки танга барои муддати на кам аз 60 рӯз боз бимонад ва дар ҳамин фосила ду тараф барои расидан ба созиши ниҳоӣ гуфтугӯ кунанд.

Ҷей Ди Вэнс, муовини раисҷумҳури Амрико иддао кардааст, ки рафтуомади нафткашҳо аз тангаи Ҳурмуз ба сатҳи пеш аз оғози ҷанг баргаштааст ва дар баъзе рӯзҳо ҳатто аз он бештар шудааст. Ба гуфтаи ӯ, боз шудани ин масир ва афзоиши содироти нафт нишонаи он аст, ки бозорҳои ҷаҳонии энержӣ тадриҷан ба ҳолати нисбатан одӣ бармегарданд. Вэнс ҳамчунин гуфтааст, ки нархи нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ коҳиш ёфтааст, ҳарчанд пурра одӣ шудани вазъ ба вақт ниёз дорад.

Бо вуҷуди ин, ихтилофҳо миёни Вашингтон ва Теҳрон ҳанӯз бартараф нашудаанд. Аз ҷумла, масъалаи назорат бар ҳаракати киштиҳо дар тангаи Ҳурмуз, эҳтимоли ситонидани ҳақи убур аз киштиҳо ва шартҳои иҷрои тафоҳумнома аз мавзуҳои баҳсбарангез боқӣ мондаанд. Мақомҳои эронӣ мегӯянд, тангаи Ҳурмуз таҳти ҳокимияти Эрон ва Умон қарор дорад, дар ҳоле ки Амрико таъкид мекунад, гузаргоҳ бояд барои киштиҳои тиҷоратӣ озод ва бидуни монеа бошад.

## ҲАМЛАИ ПОКИСТОН БА АФҒОНИСТОН

**ДАФТАРИ НАМОЯНДАГИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР АФҒОНИСТОН ТАСДИҚ КАРД, КИ ДАР ҲАМЛАҲОИ ҲАВОИИ ПОКИСТОН БА АФҒОНИСТОН ДАР ШАБИ ЯКШАНБЕ ДАСТИКАМ 27 НАФАР ҒАЙРИНИЗОМӢ КУШТА ВА 49 ТАНИ ДИГАР ЗАХМӢ ШУДААНД. БА ГУФТАИ СММ, ДАР МИЁНИ ҚУРБОНИЁН ЗАНОН ВА КӮДАКОН НИЗ ҲАСТАНД.**



Дафтари СММ дар Афғонистон гуфтааст, ки ин омори ибтидоӣ аст ва мумкин аст афзоиш ёбад, зеро шуморе аз захмиён ҳанӯз дар бемористонҳо таҳти муолиҷа қарор доранд.

Ба гуфтаи Дафтари намояндагии СММ дар Афғонистон, ин ҳамлаҳо шоми якшанбе вилоятҳои Пактиё, Пактико ва Кунарро ҳадаф қарор додаанд.

Ҳукумати Толибон эълон кардааст, ки дар ин ҳамлаҳо 36 ғайринизомӣ кушта ва 163 тани дигар захмӣ шудаанд. Аммо Исломобод мегӯяд, ки дар ин ҳамлаҳо 25 фарди мусаллаҳ кушта шудаанд.

Забеҳуллоҳ Муҷоҳид, сухангӯи ҳукумати Толибон гуфтааст, ки ба ҳамлаҳои пешини Покистон посух дода шуда буд ва ин ҳамла низ бепосух нахоҳад монд.

Ин ҳамлаҳои хунин дар вилоятҳои Пактиё, Пактико ва Кунар як рӯз пас аз он анҷом шуд, ки дар ҳамла ба яке аз марказҳои неруҳои вижаи артиши Покистон дар шаҳри Карочӣ се низомии покистонӣ кушта шуданд.

Масъулияти он ҳамларо гурӯҳи "Ҷамоат-ул-Аҳрор", ки шохаи ҷудошуда аз Таҳрики Толибони Покистон мебошад, ба уҳда гирифтааст.

Исломобод Кобулро муттаҳам мекунад, ки ба гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки дар Покистон ҳамла анҷом медиҳанд, паноҳгоҳ додааст. Аммо ҳукумати Толибон ин иттиҳомро рад карда ва мегӯяд, ки фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳ дар Покистон як масъалаи дохилии он кишвар аст.

# БОЛОРАВИИ НАРХИ ПАРТОВ ДАР ДУШАНБЕ



Тарофаҳои нави хизматрасонии баровардани партовҳои сахти маишӣ аз 1 июли соли 2026

Барои аҳолӣ: тақрибан +30%

Барои корхонаҳо ва ташкилотҳои хусусӣ: то +50%

## Барои аҳолӣ (ба ҳар нафар дар як моҳ)

| Ноҳияи Сино | |
|---|---|
| Хонаҳои ҳавлигӣ | 4,85 → 7,30 сомонӣ |
| Ҳавлиҳои ғайриобод | 4,70 → 7,10 сомонӣ |
| Баландошёна бо партовпарто | 4,20 → 6,30 сомонӣ |
| Баландошёна бе партовпарто | 3,40 → 5,10 сомонӣ |

| Ноҳияи Шоҳмансур | |
|---|---|
| Хонаҳои ҳавлигӣ | 4,60 → 6,90 сомонӣ |
| Ҳавлиҳои ғайриобод | 4,50 → 6,60 сомонӣ |
| Баландошёна бо партовпарто | 3,90 → 5,80 сомонӣ |
| Баландошёна бе партовпарто | 3,20 → 4,80 сомонӣ |

| Ноҳияи Фирдавсӣ | |
|---|---|
| Хонаҳои ҳавлигӣ | 4,70 → 7,10 сомонӣ |
| Ҳавлиҳои ғайриобод | 4,50 → 6,80 сомонӣ |
| Баландошёна бо партовпарто | 4,10 → 6,10 сомонӣ |
| Баландошёна бе партовпарто | 3,30 → 5,00 сомонӣ |

| Ноҳияи Исмоили Сомонӣ | |
|---|---|
| Хонаҳои ҳавлигӣ | 4,70 → 7,10 сомонӣ |
| Ҳавлиҳои ғайриобод | 4,40 → 6,60 сомонӣ |
| Баландошёна бо партовпарто | 3,90 → 5,80 сомонӣ |
| Баландошёна бе партовпарто | 3,20 → 4,80 сомонӣ |

### Барои муассисаҳои буҷетӣ (1 м³ партов)

| | |
|---|---|
| Сино | 47,40 → 71,10 сомонӣ |
| Шоҳмансур | 43,10 → 64,70 сомонӣ |
| Фирдавсӣ | 41,80 → 62,70 сомонӣ |
| Исмоили Сомонӣ | 43,10 → 64,70 сомонӣ |

### Барои ташкилотҳо ва корхонаҳои хусусӣ (1 м³ партов)

| | |
|---|---|
| Сино | 66,80 → 133,5 сомонӣ |
| Шоҳмансур | 53,70 → 107,4 сомонӣ |
| Фирдавсӣ | 65,30 → 130,7 сомонӣ |
| Исмоили Сомонӣ | 53,70 → 107,4 сомонӣ |

Тарофаҳои нав аз 1 июли 2026 мавриди амал қарор мегиранд.

Манбаъ: қарорҳои роҳбарони ноҳияҳои шаҳри Душанбе

# ТАҲХОНА ТАВАҚҚУФГОҲ АСТ Ё МАҒОЗА?

**Мақомоти шаҳри Душанбе ба ошкор ва бартараф кардани марказҳои хидматрасоние шуруъ намудаанд, ки дар таваққуфгоҳҳои зеризаминии биноҳои баландошёна ғайриқонунӣ фаъолият мекунанд.**

Ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, барои санҷиши чунин ҳолатҳо аз ҷониби пулиси пойтахт ва Раёсати назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии шаҳрдорӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст. Ҳадафи он муайян кардани ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадноки таваққуфгоҳҳои зеризаминӣ мебошад.

Гурӯҳи корӣ аллакай дар кӯчаи Н. Қарабоеви ноҳияи Фирдавсӣ ва маҳаллаи Деҳи Болои ноҳияи Сино санҷиш гузаронида, чанд иншооти ғайриқонунӣ, аз ҷумла марказҳои савдо, қурутобхона, толори саққобозӣ, ошхона ва анборхонаҳоро ошкор ва фаъолияти онҳоро қатъ кардааст.




Пулиси Душанбе мегӯяд, таҳхонаҳои бисёре аз биноҳои истиқоматӣ, ки бояд барои таваққуфи мошинҳо истифода шаванд, аз ҷониби баъзе шаҳрвандон ба марказҳои хизматрасонӣ табдил дода шудаанд. Ба гуфтаи мақомот, ин ҳолат боиси кам шудани ҷойи таваққуф ва афзоиши танбашавӣ дар назди биноҳои истиқоматӣ мегардад.

Мақомот аз шаҳрвандон хостаанд, ки таҳхонаҳои биноҳоро мувофиқи тарҳи тасдиқшуда истифода баранд ва ҳолатҳои ғайриқонуниро бартараф созанд.

## РЕЗААХБОР

Алишер Мирзонабот, раиси ВМКБ-ро рӯзи 30-юми июн дар зодгоҳаш, деҳаи Шидзи ноҳияи Рӯшон ба хок супориданд. Асадулло Раҳмон, ёрдамчии Президенти кишвар паёми ҳамдардии Эмомалӣ Раҳмонро ба наздикону пайвандони марҳум расонид. Ҷасади Алишер Мирзонабот пас аз ду ҳафтаи сарозер шудани мошини хидматиаш ба дарёи Панҷ, субҳи 30-юми июн дар ҳудуди деҳаи Кишти ноҳияи Шамсиддин Шоҳин аз об берун оварда шуд.

***

Дар Тоҷикистон нақша доранд лоиҳаи телевизионии “Зинда мондан дар Тоҷикистон” ("Выжить В Таджикистане")-ро таҳия кунанд. Вазорати фарҳанги кишвар Матлубахон Сатториён барои амалӣ кардани ин тарҳ рӯзи 30-юми июн бо намояндагони "Газпром-Медиа Холдинг”-и Русия дидору гуфтугӯ кардааст. "Зинда мондан дар...” барномаи маъруфи телевизиони русии “ТНТ” аст.

***

Байни шаҳрҳои Истаравшану Истиқлол ва ноҳияи Спитамени вилояти Суғд бо дарозии 171 километр роҳи оҳан сохта мешавад. Дар ин бора Вазорати нақлиёт хабар дода, гуфтааст, ки лоиҳаи роҳи оҳанро Раҷаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд бо ҳайати мутахассисони чинӣ баррасӣ кардааст. Ин ниҳод гуфтааст, ки роҳи оҳан бо дастгирии Чин бунёд мешавад.

***

Ба далели тира шудани оби дарёи Варзоб дар Душанбе мушкилот бо оби ошомиданӣ ба вуҷуд омадааст. КВД "Обу корези Душанбе" мегӯяд, ки бинобар баланд гардидани сатҳи тирагии оби дарё, дар раванди омода ва интиқол додани оби нӯшокӣ мушкилоти муваққатӣ ба миён омадааст. Дар натиҷа, дар баъзе маҳаллаҳо ва кӯчаҳои пойтахт эҳтимол дорад фишори оби нӯшокӣ нисбат ба рӯзҳои муқаррарӣ паст бошад.

***

Гирифторшавӣ ба бемориҳои сироятӣ дар Тоҷикистон дар чормоҳаи аввали соли равон 11% коҳиш ёфтааст. “Давоми чор моҳи аввал қариб 7,6 ҳазор ҳолати гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ сабт шудааст, ки қариб 21% ба гепатитҳо ва беш аз 18% ба бемориҳои дигар рост меояд”,- иттилоъ дод Агентии омори Тоҷикистон.

# ЧАРХАИ НАВИ «РОҒУН» АЗ ВЕНА МЕОЯД

**Дар шаҳри Венаи Австрия масъалаҳои марбут ба таҳвили таҷҳизоти муосир барои Нерӯгоҳи барқи обии “Норак” ва омода кардани чарха барои агрегати навбатии НБО “Роғун” баррасӣ гардиданд.**

Ин масъалаҳо дар доираи сафари кории Далер Ҷумъа, вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон ба Австрия ва мулоқоти ӯ бо масъулони ширкатҳои бузурги соҳавӣ матраҳ шуданд.

Ба иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, рӯзи 24-уми июн Далер Ҷумъа бо Герхард Криглер, мудири иҷроияи ширкати “ANDRITZ Hydro” ва роҳбари иҷроияи минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин Александр Шваб, мудири масоили бозорёбии ин ширкат мулоқот кард. Дар вохӯрӣ ҷараёни корҳои таъмиру навсозии НБО “Норак”, марҳилаҳои амалисозии лоиҳа, истеҳсол ва насби сариваҷтии таҷҳизоти муосир, инчунин масъалаҳои техникӣ ва тадорукотии вобаста ба иҷрои уҳдадориҳо баррасӣ шуданд.

Вазорат таъкид кардааст, ки таъмиру навсозии НБО “Норак” яке аз лоиҳаҳои калидии соҳаи энергетикаи кишвар буда, барои афзоиши иқтидори нерӯи барқи обӣ, баланд бардоштани эътимоднокии фаъолияти нерӯгоҳ ва рушди устувори низоми энергетикии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Худи ҳамон рӯз Далер Ҷумъа ва Абдураҳмон Абдураҳмонзода, вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон бо Ян Людер, мудири кулли ширкати “Voith Austria Hydro” мулоқот карданд. Дар ин вохӯрӣ масъалаи иҷрои уҳдадориҳои ширкат дар доираи сохтмони НБО “Роғун”, аз ҷумла омода сохтан ва ба истифода додани гидроагрегати навбатии нерӯгоҳ баррасӣ шуд. Чархаи корӣ ё турбинаи ин агрегат аз ҷониби ширкати “Voith Austria Hydro” омода карда мешавад. Пас аз мулоқот ҳайати Тоҷикистон аз корхонаи истеҳсолии ширкат боздид карда, бо ҷараёни тайёр кардани гидротурбинаҳо ва таҷҳизоти дигар барои сохтмон ва навсозии нерӯгоҳҳои барқи обӣ шинос шуд.




## МАКРОИҚТИСОД

# ДАРХОСТИ ТОҶИКИСТОН АЗ «STANDARD & POOR’S»

**Аҳлиддин Нуриддинзода, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон зимни мулоқот бо намояндагони Агентии рейтингии байналмилалии "Standard & Poor’s" дар Тоҷикистон барои дар сатҳи устувор нигоҳ доштани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар ба агентии мазкур изҳори миннатдорӣ намуд.**

Вай дар ин мулоқот қайд кард, ки дар соли 2025 ва семоҳаи якуми соли 2026 новобаста аз вазъи мураккаби иқтисоди ҷаҳон устувории макроиқтисодӣ дар кишвар таъмин гардид.

Қайд карда шуд, ки дар соли 2025 суръати рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 8,4%-ро ташкил додааст.

Бо назардошти дар 5 соли охир зиёда аз 8-фоизӣ таъмин гардидани рушди иқтисодии кишвар аз Агентии рейтингии байналмилалии "Standard & Poor’s" дархост карда шудааст, ки дурнамои худро нисбати Тоҷикистон вобаста ба устувор гардидани рушди иқтисоди миллӣ дар давраи миёнамуҳлат баланд бардоранд.

Дар доираи мулоқот ҳайати миссияи таҳлилгарони Агентӣ ба устувории макроиқтисодӣ ва дастовардҳои иқтисодии ноилгардидаи Тоҷикистон дар соли 2025 ва семоҳаи якуми соли 2026 баҳои сазовор дода, қайд намудаанд, ки новобаста аз таъсири омилҳои беруна иқтисоди миллӣ дар кишвар дар солҳои охир дар сатҳи баланд таъмин гардидааст.

# Қатъномаи сулҳ

Бахшида ба қабули"Даҳсолаи байналмиллалии
таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда"

*Қабули қатънома шуд барои насли поянда,*
*Ки ҳатман сулҳ бошад бобақо даҳ соли оянда.*

*Бишуд иқдом ин аз Пешвои миллати тоҷик,*
*Тамоми даҳр пазруфтанд ин иқдоми арзанда.*

*Барои халқи тоҷик шуд аҷаб рухдоди таърихӣ,*
*Кунад қатъи рақобатҳо чунин иқдоми шоянда.*

*Ҷаҳон имрӯз дорад сад гиреҳ аз нобасомонӣ,*
*Шавад ин Қатънома уқдаҳоро худ кушоянда.*

*Пас аз ҳар ҷанг тазмин шуд талофии хисороташ,*
*Куҷое ҳаст ҳар тифле, шукуфад дар лабаш ханда.*

*Ҳадаф худ ҳифзи афрод аст дар олам зи офатҳо,*
*Хушунат рафъ гардад, чун бувад ҳар як барозанда.*

*Шавад таҳким сулҳ аз хотири иқболи инсонҳо,*
*Ҳама дунё шавад ободу наврас сарфарозанда.*

*Чу рушди устувор инсониятро дастрас гардад,*
*Ба ҳам созанд ҳамкорӣ дар ин дунёи созанда.*

*Низои ҳизбиёну қавми ноором гардад қатъ,*
*Рақобат дур гардад бахри ин ашхоси разманда.*

*Чи ноором дунё шуд зи қасду кину бадбинӣ,*
*Кунад пайванд тори кандаро он ғамзудоянда.*

*Фарогир ин қарори сулҳ шуд арзи сиёсиро,*
*Чи воло Қатънома, ки бишуд ҳар як ба ӯ банда.*

*Шавад ҳамзистию ҳам пешрафт, амну шукуфоӣ,*
*Нагардад ҳеч гоҳе одам аз уммед дилканда.*

*Фазои маънавӣ бояд ҷаҳону ҷумла инсонро,*
*Мабодо бозмонад з-ин амал гардуни гарданда.*

*Ва манбаъҳо ҳама гӯянд аз иғвову аз ошӯб,*
*Фаро гирад ҷаҳон то сулҳ, Ваҳдат бод рахшанда!*

*Навои сулҳи дунёро ба сози меҳр бинвозанд,*
*Тамоми халқҳо бо ҳам шаванд он гаҳ сароянда.*

*Ки бар таҳкими сулҳи наслҳо ин авф нофеъ аст,*
*Қабули ҳуҷҷате бояд, тамоми даҳр бахшанда.*

*Сиёсат бахри сулҳ ояд зи минбарҳои олишон,*
*Низоми машварат бошад рафоқатро физоянда.*

*Ниҳоде кард бояд дар амал аз бахри осоиш,*
*Бувад нозир ба ҳар кирдор аз боло намоянда.*

*Дабири кул, ки аз ин қатънома бахравар гардид,*
*Кунад бо ҳам ҳаме якҷо шариконро пароканда.*

*Ниҳониё, бикун таҳқиқ афкори ҷаҳонфазлон,*
*Ки ин иқдом ғамхоро шуд аз дилҳо рабоянда.*

**Ниҳонӣ**





# СУЛҲ
## БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА

### СММ ташаббуси навбатии Тоҷикистонро қабул кард

«

**МАҶМАИ УМУМИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ҚАТЪНОМАИ "ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҲКИМИ СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА"-РО, КИ БО ТАШАББУСИ ТОҶИКИСТОН ПЕШНИҲОД ГАРДИДА БУД, ҚАБУЛ КАРД. ТИБҚИ ИН САНАД, СОЛҲОИ 2027-2036 ҲАМЧУН "ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҲКИМИ СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА" ЭЪЛОН ШУДАНД.**

Қабули ин қатънома аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мешавад, ки дар шароити пуртаниши ҷаҳони муосир масъалаи сулҳ, муколама ва пешгирии низоъҳо беш аз ҳар вақти дигар аҳамият пайдо кардааст.

Дар қатънома ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи СММ, бахусус иродаи "наҷоти наслҳои оянда аз офати ҷанг" ва уҳдадории ҳалли мусолиматомези баҳсҳо бозтоб ёфтааст. Давлатҳои узв бо қабули ин санад уҳдадории муштараки худро барои пешбурди сулҳ, муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагии байни наслҳо тасдиқ намуданд. Ин маънои онро дорад, ки сулҳ дигар танҳо масъалаи амниятӣ ё сиёсӣ набуда, ҳамчун шарти асосии рушди инсон, ҷомеа ва давлатҳо баррасӣ мешавад.

Ҳадафҳои асосии Даҳсола аз таҳкими фарҳанги сулҳ, ташвиқи муколама ва мусолиҳа, дастгирии робитаи миёни наслҳо ва ба назар гирифтани манфиатҳои кӯдакон, ҷавонон ва пиронсолон дар равандҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳо иборат мебошад. Ба иборaи дигар, санад давлатҳоро водор мекунад, ки ҳангоми таҳияи сиёсати имрӯза на танҳо манфиатҳои насли ҳозира, балки сарнавишти наслҳои ояндаро низ ба эътибор гиранд.

Қатънома ҳамчунин саҳми давлатҳо, роҳбарон ва мардумонеро истиқбол мекунад, ки тавассути равандҳои сиёсии фарогир, чораҳои эътимодбахш, барқарорсозии пас аз низоъ ва сармоягузорӣ ба ваҳдати иҷтимоӣ дар таҳкими сулҳ ва оштӣ нақш гузоштаанд. Ин нукта барои Тоҷикистон аҳамияти хос дорад, зеро мардуми кишвар дар солҳои аввали Истиқлол даҳшати ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида, баъдан ба сулҳу ваҳдати миллӣ расиданд. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз метавонад ҳамчун намунаи омӯзанда барои ҷомеаи ҷаҳонӣ истифода шавад.

Дар санад аз таҳаввулоти мусбат дар Осиёи Марказӣ низ ёд шудааст. Аз ҷумла, талошҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар роҳи ҳалли мусолиматомези масъалаҳои сарҳадӣ ва имзои созишномаҳои дахлдор истиқбол гардидааст. Ин ишора нишон медиҳад, ки фарҳанги муколама ва ҳалли осоиштаи ихтилофҳо дар минтақа ҳамчун бахше аз рӯзномаи нави сулҳсозии байналмилалӣ арзёбӣ мешавад.

Қатънома аз Дабири кулли СММ, ниҳодҳои махсусгардонидашуда, комиссияҳои минтақавӣ ва дигар сохторҳои Созмон дархост мекунад, ки барои татбиқи ин Даҳсола бо ҳукуматҳо ва ҷонибҳои манфиатдор ҳамкорӣ намоянд. Ҳамзамон, аз давлатҳои узв, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шариконӣ байналмилалӣ даъват шудааст, ки дар татбиқи ин ташаббус, аз ҷумла тавассути табодули таҷриба ва дониш саҳм гузоранд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабули ин қатъномаро рӯйдоди таърихӣ номида, мардуми кишвар ва ҳамаи ҷонибдорони ташаббусро табрик гуфт. Ӯ таъкид кардааст, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест, балки фарҳанг, масъулият, эҳтиром ба шаъну шарафи инсон, адолат ва имкониятҳои баробар мебошад.

Қарор аст соли оянда, дар арафаи 30-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба хотири оғоз бахшидан ба ин Даҳсола дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор шавад.



# ТОҶИКИСТОН ДАР РӮҲУ РАВОНАМ АСТ...

## Даргузашти коргардони бузург Бақо Содиқов

**25-уми июн Бақо Содиқов, коргардони варзида ва яке аз чеҳраҳои барҷастаи синамои тоҷик дар синни 84-солагӣ дар Олмон аз олам даргузашт. Ин ҳунарманди бузургро дар ҳамон ҷо ба хок супориданд.**

Бақо Содиқов 13-уми июли соли 1941 дар Бухоро ба дунё омадааст. Ӯ риштаи коргардонии Донишкадаи театриву мусаввирии Тошканд ва Курсҳои олии коргардонӣ ва сенариянависии Маскавро хатм карда, солҳои 1967 то 1993 дар киностудияи "Тоҷикфилм" фаъолият намуд. Дар ҳамин давра филмҳое офарид, ки номи ӯро ба таърихи синамои тоҷик ворид карданд. "Адонис XIV", "Бухорои шариф", "Гирдбод", "Ҷосус", "Ҷазира", "Парандаҳои гилӣ" ва "Аввалин будан мушкил аст" аз ҷумлаи корҳои маъруфи ӯянд, ки дар ҷашнвораҳои байналмилалии кишварҳои Осиё, Африқо, Амрикои Лотин ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиби ҷоиза шудаанд.

Бақо Содиқов аз ҷумлаи он ҳунармандоне буд, ки на танҳо анъанаи филмофарии гузаштагонро идома дод, балки роҳи навро пеш гирифт ва ба синамои тоҷик равонковӣ ва андешаро ворид кард. "Ҳусни хати" Бақо Содиқов дар синамои тоҷик фарккунанда ва нав буд. Бинобар ин, ӯро на ҳама фаҳмиданду дарк карданд. Вақте ӯро шинохтанд, ки аллакай дар Тоҷикистон зиндагӣ намекард.

Номи Бақо Содиқов пеш аз ҳама бо ҷустуҷӯҳои эҷодии ҷасурона ва нигоҳе фалсафӣ ба зиндагӣ пайванд дорад. Дар замоне, ки бисёре аз филмҳои истеҳсолшуда қолабӣ ва дур аз масъалаҳои аслии ҷомеа буданд, ӯ кӯшиш мекард бо забони рамз, истиора ва киноя масъалаҳои муҳими инсонӣ, миллӣ ва таърихиро матраҳ созад. Филмҳои ӯ даъват ба андеша, бозиигарӣ ба таърих ва ҷустуҷӯи ҳувияти миллӣ буданд. Хусусан «Гирдбод» яке аз падидаҳои нодири синамои тоҷик маҳсуб мешавад, ки барои навоварӣ ва услуби тозаи баён ҳам ситоиш ва ҳам мухолифатҳоро ба вуҷуд овард. Ин филм дар вақташ дар ҷашнвораи байналмилалии "Кан" ба намоиш гузошта шуда буд. Ҷолиб он буд, ки дастандаркорони ин ҷашнвора аз Бақо Содиқов талаб мекарданд, ки ин филмро бо тарҷумаи русӣ ба намоиш гузорад, вале ӯ пойфишорӣ кард, то ки ба забони тоҷикӣ филм пешниҳод гардад.

Шояд яке аз рамзитарин филмҳои ӯ «Адонис XIV» бошад. Ин асари ҳуҷҷатӣ, ки солҳои зиёд иҷозаи намоиш надошт, баъдан дар ҷашнвораҳои байналмилалӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст овард ва ҷоизаҳо гирифт.

Роҳи Бақо Содиқов ҳамеша ҳамвор набуд. Муқовимати доираҳои муҳофизакор, фишорҳои маъмурӣ ва баҳсҳои атрофи филмҳои ӯ борҳо пеши роҳи эҷодашро гирифтанд. Бо вуҷуди пуштибонии шахсиятҳои маъруфи фарҳангии Иттиҳоди Шӯравӣ, ӯ борҳо ба беадолатӣ рӯ ба рӯ шуд. Аммо ин мушкилот натавонистанд ӯро аз роҳи интихобкардааш гардонанд.

Дар солҳои пурошӯби ҷанги шаҳрвандӣ Бақо Содиқов Тоҷикистонро тарк кард. Ӯ ин муҳоҷиратро на интихоби дилхох, балки маҷбурият медонист. Бо вуҷуди зиндагӣ дар хориҷ аз Тоҷикистон, муҳаббаташ ба фарҳанг ва сарнавишти миллати тоҷик ҳамеша боқӣ монд. Дар мусоҳибаҳои худ борҳо таъкид мекард, ки Тоҷикистон дар рӯҳу равонаш ҷой дорад ва худро аз ин сарзамин ҷудо намедонад. Пас аз рафтанаш аз Тоҷикистон солҳо дар Ӯзбекистон зиндагӣ кард, вале ба орзуҳои эҷодиаш нарасид... Фақат соли 2018 шаҳрвандии Ӯзбекистонро ба ӯ доданд.

Як сол пеш ба Олмон кӯчид.

Бақо Содиқов дар суҳбати охире, ки дӯштем, гуфт ман эҷодкори муҳоҷир ҳастам..., зеро аз Душанбе дурам... ва инак ӯ дар муҳоҷират - дар Олмон аз олам даргузашт...

Ёдаш ба хайр!

# ҒУРУБИ ҒАРИБШО

## Бахтиёр Раҳимов то охирин нафас бо мардум буд

**Даргузашти Бахтиёр Раҳимов, ҳаҷвнигори маъруфи тоҷик ва роҳбари гурӯҳи "Ғарибшо-компания" ҷомеаи фарҳангии кишвар ва ҳазорон мухлиси ӯро андуҳгин кард. Ба иттилои наздиконаш, марҳум шаби 30-юми июн дар синни 56-солагӣ дар ҷараёни иҷрои барномаи ҳунарӣ дар истироҳатгоҳи "Шоҳамбарӣ" ҷон ба ҷонофарин таслим кард.**

Ба гуфтаи дӯст ва ҳамбозии ӯ Ташриф Халилов, Бахтиёр рӯйи дастонаш се бор "нафас, нафас, нафас" гуфта, ҷон додааст. Бахтиёр Раҳимов, ки мардум ӯро бештар бо тахаллуси "Ғарибшо" мешинохтанд, беш аз се даҳсола рӯйи саҳна буд. Ӯ бо лаҳни сода, чеҳраи кушода, табассум ва саҳнаҷаҳое, ки аз зиндагии ҳаррӯзаи мардум сарчашма мегирифтанд, ба дили тамошобинон роҳ ёфт.

Гурӯҳи "Ғарибшо-компания" соли 2000-ум таъсис ёфт ва дар муддати кӯтоҳ ба яке аз маъруфтарин гурӯҳҳои ҳаҷвии кишвар табдил шуд. Номи гурӯҳ низ рамзӣ буд. Ба гуфтаи худи Бахтиёр Раҳимов, дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ ва муҳоҷират ин ном бо орзуи бозгашти ғарибон ба Ватан интихоб шуда буд.

Роҳи Бахтиёр Раҳимов ба саҳна ҳамвор набуд. Ӯ дар кӯдакӣ орзу дошт табиб шавад, аммо тақдир ӯро ба олами ҳунар овард. Дар мактаб бештар нақшҳои мазҳакавӣ мебозид ва аз ҳамон солҳо истеъдоди хоси ӯ дар хандонидани одамон намудор мешуд. Баъди хатми мактаб мехост ба Донишкадаи санъат дохил шавад, вале дар оғоз қабул нашуд. Ҳатто, ба гуфтаи худи ӯ, бархе бовар надоштанд, ки аз вай ҳунарманд мебарояд. Аммо ин нокомӣ ӯро аз роҳ нагардонд. Пас аз хизмати ҳарбӣ фаъолияти саҳнавиашро дар театри "Гаҳвора" оғоз кард ва баъдан тавонист ба Донишкадаи санъат дохил шавад. Ҳунари ӯ маҳз дар солҳои душвори баъди ҷанг рушд кард. Дар он давра ҷомеа ба ҳаҷв ниёз дошт. Саҳнаҷаҳои "Ғарибшо-компания" барои бисёриҳо дар он шабу рӯзи андуҳбор малҳами рӯҳу ҷон буд. Бахтиёр Раҳимов борҳо таъкид мекард, ки ҳаҷв танҳо барои хандонидан нест. Ба назари ӯ, ҳаҷв бояд мақсад дошта бошад, камбудии ҷомеаро нишон диҳад, инсонро ба андеша водор кунад ва ахлоқу рафтори мардумро ислоҳ намояд. Ӯ мегуфт, ки ханда метавонад одамро сабуктар кунад, дардашро кам кунад ва ҳатто рӯҳан табобат намояд.

Солҳои охир Бахтиёр Раҳимов аз вазъи ҳаҷв дар кишвар бо дард сухан мегуфт. Дар як мусоҳибааш гуфта буд: "Ҳаҷв мурдаву ханда дар мотамаш нишастааст". Ӯ аз он нигарон буд, ки ҳаҷви воқеӣ ҷойи худро ба шӯхиҳои сабук ва кӯчагӣ медиҳад. Ба андешаи ӯ, агар масъулон ба ҳаҷв ва театри мазҳакавӣ ҷиддӣ муносибат мекарданд, ин жанр метавонист дар тарбияи ҷомеа, пешгирии камбудиҳо ва ҳатто таҳкими фазои солими иҷтимоӣ нақши муҳим бозад. Бахтиёр Раҳимов ҳеҷ унвоне надошт. Ӯ солҳои охир дар тӯйҳо, маҳфилҳо, осоишгоҳҳо ва ҷамъомадҳо ҳунарнамоӣ мекард. Барои ӯ муҳаббати мардум аз ҳар унвон болотар буд. Вақте аз ӯ мепурсиданд, ки оё орзуи гирифтани унвон дорад ё не, посух медод, ки унвони ӯ ҳамин муҳаббати халқ аст. Воқеан, ӯ ҳунарманди мардумӣ буд, ҳатто агар ин унвонро расман нагирифта бошад.

Дар зиндагии шахсӣ низ рӯзгори осон надошт. Солҳо иҷоранишин буд ва дертар мушкили манзилаш бо кумаки соҳибкори тоҷик Раҳим Бобоҷонов, маъруф ба Раҳими Ғармӣ ҳал шуд...

Марги ӯ низ рамзӣ буд. Бахтиёр Раҳимов то нафасҳои охирин дар саҳна ва миёни мардум монд. Тавре ишора шуд, пеш аз бад шудани ҳолаш дар осоишгоҳи "Шоҳамбарӣ" баромад карда, мардумро хандонда буд. Чун эҳсос мекунад, ки ҳолаташ бад мешавад, навбатро ба овозхоне медиҳанду худ ба пушти саҳна рафта, мегӯяд, ки саломатиам хуб нест. Духтур омада мебинад, ки фишораш то 30 паст шудааст. Дар ҳамон ҷо ҷон месупорад. Гӯё сарнавишт хост сухани худи ӯ амалӣ шавад: "Ғарибшо дар саҳна зода шудааст ва дар саҳна ҷон медиҳад". Бахтиёр Раҳимов орзуҳои зиёде дошт. Ӯ мехост нақшҳои бузург, аз ҷумла образҳои мураккаби драмавиро иҷро кунад, вале ин орзуро бо худ ба хок бурд. Зуҳри рӯзи 1-уми июл бо иштироки ҳазорон нафар аз мухлисонаш ҷанозаи ӯ дар зодгоҳаш деҳаи Ноҷии Ҳисор хонда шуд ва хок ин ҳунарманди маъруфро ба оғӯш кашид...

**О. НОЗИР**

**«ДАР ТОҶИКИСТОН ШАҲРВАНДОНИ ДАР ҶУСТУҶӮИ КОР АФЗОИШ ЁФТААНД. ҶОЙҲОИ ХОЛИИ КОР АЗ ТАРАФИ КОРХОНАҲОЕ, КИ ПЕШНИҲОД МЕКУНАНД, КОҲИШ ЁФТААСТ. САБАБ ДАР ЧИСТ?**




# ЯРМАРКАИ ҶОЙҲОИ КОР

## Ҳисобот муҳим ё натиҷа?

### АЗ АФЗОИШИ БЕКОРӢ ТО КОҲИШИ ПЕШНИҲОДИ ҶОЙИ КОР

Тибқи маълумоти Агентии омори Тоҷикистон, то охири моҳи апрели соли 2026 шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда ба 54 ҳазору 400 нафар расидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,3 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии бекорон 26 ҳазор нафар ё 47,7 фоизро занон ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, сатҳи расмии бекорӣ нисбат ба шумораи умумии қувваи корӣ ба 1,9 фоиз баробар аст.

Дар ҳамин ҳол, шумораи умумии қувваи корӣ дар кишвар 2 миллиону 899 ҳазор нафарро ташкил дода, аз ин 2 миллиону 845 ҳазор нафар дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолият мекунанд. Аммо нишондиҳандаи дигар бештар нигаронкунанда аст. Теъдоди шаҳрвандоне, ки ҳамчун корталаб дар мақомоти меҳнат сабтином шудаанд, ба 97 ҳазор нафар расидааст. Ин рақам нисбат ба моҳи апрели соли гузашта 17,8 фоиз бештар мебошад. Ба иттилои Агентии омор, то дар давраи моҳи апрел 10 ҳазору 800 нафар барои дарёфти ҷойи кор ба мақомоти шуғл муроҷиат кардаанд ва 6 ҳазору 600 нафари онҳо бо ҷойи кор таъмин шудаанд. Ҳарчанд ин омор нисбат ба соли гузашта 18 фоиз зиёд аст, вале пешниҳоди ҷойҳои нави корӣ коҳиш ёфтааст. Бино ба маълумоти расмӣ, корхонаҳо то охири моҳи апрели соли ҷорӣ ҳамагӣ 12 ҳазору 900 ҷойи холии кор пешниҳод кардаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,6 фоиз кам мебошад. Тавре аз рақамҳои овардашуда бармеояд, талабот ба ҷойи кор меафзояд, аммо имкониятҳои бозори меҳнат барои қонеъ кардани ин талабот маҳдуд тар мешаванд.

### УМАРОВ: ОМОРИ РАСМӢ ВОҚЕИЯТРО НИШОН НАМЕДИҲАД!

Коршиноси масоили иқтисодӣ Ҳоҷимуҳаммад Умаров мегӯяд, ки омори расмии бекорӣ ҳамеша вазъи воқеии бозори меҳнатро пурра бозгӯ намекунад. Ба гуфтаи ӯ, қисми зиёди шаҳрвандоне, ки ҷойи кори доимӣ надоранд, барои гирифтани мақоми расмии бекор муроҷиат намекунанд. Баъзеҳо дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт фаъолият мекунанд, гурӯҳи дигар роҳи муҳоҷирати меҳнатиро интихоб мекунанд. Аз ин рӯ, сатҳи воқеии бекорӣ метавонад аз нишондиҳандаҳои расмӣ бештар бошад.

Ба таъкиди коршинос, коҳиши ҷойҳои холии кор аз он шаҳодат медиҳад, ки бахши воқеии иқтисодиёт суръати кофии рушди худро нигоҳ дошта натавонистааст.

"То замоне ки истеҳсолот густариш наёбад, соҳибкорӣ дастгирии воқеӣ пайдо накунад ва сармоягузории нав ҷалб нашавад, таъсиси ҷойҳои нави корӣ низ маҳдуд боқӣ мемонад. Дар чунин шароит рақобат барои як ҷойи кор бештар мешавад",- мегӯяд Ҳоҷимуҳаммад Умаров.

Ба андешаи ӯ, сиёсати давлатӣ низ бояд бештар ба таъсиси ҷойҳои нави истеҳсолӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҷалби сармоя ва мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи бозори меҳнат равона шавад.

### ЯРМАРКАИ ҶОЙИ КОР

Солҳои пеш ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ яке аз воситаҳои муассири пайванди корфармоён бо ҷорҷӯён маҳсуб мешуданд. Дар чунин чорабиниҳо шаҳрвандон мустақиман бо намояндагони муассисаву ширкатҳо вохӯрда, имкони пайдо кардани ҷойи кори муносибро доштанд. Аммо солҳои охир баргузории чунин ярмаркаҳо хеле кам ба назар мерасад. Бархе аз коршиносон бар он назаранд, ки қисми зиёди онҳо бештар хусусияти ҳисоботӣ гирифта, дигар нақши пешинаи худро дар бозори меҳнат иҷро намекунанд.

Пас, чӣ бояд кард? Коршиносон бар ин назаранд, ки коҳиши бекорӣ танҳо тавассути бақайдгирии бекорон ё зиёд намудани хизматрасониҳои мақомоти шуғл имконнопазир аст. Пеш аз ҳама, иқтисодиёт бояд ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд орад. Ин метавонад тавассути дастгирии соҳибкорӣ, рушди истеҳсоли ватанӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, вусъати саноатикунонӣ ва эҳёи ярмаркаҳои воқеан муассири ҷойҳои корӣ амалӣ гардад. Зеро омори нави бозори меҳнат нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҷорҷӯён меафзоянд, вале имкониятҳои бозори меҳнат маҳдуд мешаванд. Агар коҳиши ҷойҳои холии кор идома ёбад, фишор ба бозори меҳнат бештар хоҳад шуд.

Ба гуфтаи иқтисоддон Ҳоҷимуҳаммад Умаров, ҳалли мушкил танҳо дар омор ё бақайдгирии бекорон нест. Роҳи асосӣ рушди воқеии иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави кор ва дастгирии бахши хусусӣ мебошад. Танҳо дар ин сурат метавон интизор дошт, ки бозори меҳнат устувор гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар хоҳад шуд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

---

**ПЕШГӮӢ**



# ОМ ТО СОЛИ 2030 БА $ 251 МЛРД САРМОЯГУЗОРӢ НИЁЗ ДОРАД

**«ТО СОЛИ 2030 БАРОИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ КАЛИДӢ БА КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАДДИ АҚАЛ 251 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР САРМОЯГУЗОРӢ ЛОЗИМ АСТ. ДАР ИН БОРА РУСЛАН ДАЛЕНОВ, МУОВИНИ РАИСИ РАЁСАТИ БОНКИ АВРУОСИЁИИ РУШД (БАОР) ДАР ҶАЛАСАИ СОЛОНА ИЗҲОР ДОШТ. БА ГУФТАИ Ӯ, ПЕШ АЗ ҲАМА ИН МАБЛАҒГУЗОРӢ БА ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАҲОИ ЭНЕРГЕТИКА, НАҚЛИЁТ, ТАЪМИНИ ОБ ВА ЛОГИСТИКА ЛОЗИМ АСТ.**

Бахши энергетика ба миқдори бештари маблағ - 170 миллиард доллар ниёз дорад. Боз 60 миллиард доллар бояд барои рушди инфрасохтори нақлиёт, 14 миллиард доллар барои обёрӣ ва идоракунии об ва 7 миллиард доллар барои логистика ҷудо карда шавад. "Инҳо на танҳо ниёзҳои молиявӣ, балки имкониятҳои сармоягузорӣ мебошанд",- таъкид дошт Руслан Даленов. Номбурда гуфт, Осиёи Марказӣ, ки Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистонро дар бар мегирад, имрӯз яке аз минтақаҳои босуръат рушдёбандаи ҷаҳон боқӣ мемонад. Ин панҷ кишвар дар маҷмӯъ 83 миллион нафар аҳолӣ доранд ва иқтисодашон 566 миллиард доллар аст. Тибқи иттилои БАОР, сармоягузорӣ ба бахши истеҳсолии минтақа дар даҳ соли охир ду баробар афзуда, ба 113 миллиард доллар расидааст. Дар оянда бонк ният дорад, ки ба самтҳои нави рушди иқтисодии минтақа, аз қабили системаҳои нигоҳдории энергия, технологияҳои зеҳни сунъӣ, робототехника, лоиҳаҳои кайҳонӣ ва ташаббусҳои мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим фаъолона сармоягузорӣ кунад. "Осиёи Марказӣ на танҳо минтақаи захираҳои табиӣ аст. Ин минтақаи навоварӣ, саноатикунонӣ ва сармоягузории дарозмуддат аст",- хулоса кардааст Руслан Даленов.

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ ДАР РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни ду кишвар пул месозанд*

# МЕЪМОРИ БОЗОРИ МЕНЕҶМЕНТИ СИТОРАҲОИ РУСИЯ



Табриз Шаҳидӣ

**ВАҚТЕ СУХАН АЗ БОНУФУЗТАРИН ТОҶИКОНИ МУҚИМИ РУСИЯ МЕРАВАД, ОДАТАН НОМИ СОҲИБКОРОНИ БУЗУРГ, ОЛИМОН Ё ШАХСИЯТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ БА ЁД МЕОЯД. АММО ДАР ФАЗОИ ФАРҲАНГ ВА ШОУ-БИЗНЕСИ РУСИЯ ШАХСЕ ҲАСТ, КИ НУФУЗИ Ӯ БА ЯКЕ АЗ ПӮШИДАВУ РАҚОБАТПАЗИРТАРИН СОҲАҲО - БОЗОРИ ҲУНАРМАНДОН, ОВОЗХОНҲО, ҲУНАРПЕШАҲО ВА ЧЕҲРАҲОИ МАЪРУФИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ПАҲН ШУДААСТ. ИН ШАХС ТАБРИЗ ШАҲИДӢ МЕБОШАД.**

## СУННАТИ ХОНАВОДАГӢ

Табриз Шаҳидӣ зодаи шаҳри Душанбе, фарзанди бастакори маъруфи тоҷик Толибхон Шаҳидӣ ва набераи поягузори мусиқии касбии тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ аст. Ӯ тавонист на танҳо суннати пурифтихори хонаводаи худро идома диҳад, балки дар самти тамоман дигар - менеҷменти ҳунармандони сатҳи аввали Русия мактаби худро бунёд намояд. Табриз таҳсилоти олии мусиқиро дар Консерваторияи давлатии Маскав ба номи П. И. Чайковский ва Академияи олии мусиқии Вена гирифта, фаъолияти худро ҳамчун пианинонавози касбӣ оғоз кардааст. Баъдан ба журналистика рӯ оварда, дар шабакаи телевизионии «Мир», агентии иттилоотии InterMedia ва радиои «Говорит Москва» фаъолият намуд. Маҳз ҳамин солҳо барои ӯ сарчашмаи робитаҳои васеъ дар муҳити расонаӣ ва фарҳангии Русия гардиданд, ки баъдтар онҳоро ба яке аз муваффақтарин тиҷоратҳои соҳаи шоу-бизнес табдил дод.

## ИМПЕРИЯЕ, КИ БАР ЭЪТИМОД БУНЁД ШУДААСТ

Соли 2003 Табриз Шаҳидӣ агентии консертии «Империяи мусиқӣ» («Империя музыки»)-ро таъсис дод. Имрӯз ин ширкат аз бузургтарин сохторҳои бозори чорабиниҳои фарҳангӣ ва корпоративии Русия ба ҳисоб меравад. Агентӣ баргузории консертҳо, форумҳои байналмилалӣ, ҷашнҳои давлатӣ, чорабиниҳои сатҳи олӣ ва барномаҳои корпоративиро бо иштироки ситораҳои дараҷаи аввали Русия таъмин мекунад. Худи Табриз Шаҳидӣ борҳо таъкид кардааст, ки дар касби ӯ сармояи асосӣ маблағ не, балки эътимод аст. Маҳз ҳамин эътимод аст, ки даҳҳо ситораи машҳури Русия ҷадвали консертҳо, шартномаҳо ва манфиатҳои касбии худро ба ӯ месупоранд.

## ШАХСЕ, КИ СИТОРАҲО БА Ӯ ТАКЯ МЕКУНАНД

Дар тӯли солҳои фаъолият Табриз Шаҳидӣ менеҷер ва намояндаи расмии даҳҳо чеҳраи машҳури фарҳанг ва расонаҳои Русия будааст. Дар замонҳои гуногун ӯ фаъолияти ҳунарии Полина Гагарина, Григорий Лепс, Филипп Киркоров, Дима Билан, Леонид Агутин, Валерий Меладзе, Елка, Гарик Сукачёв, Николай Басков, Валерия, Стас Михайлов, Владимир Соловёв, Леонид Ярмолник, Игор Верник, Леонид Якубович, Сергей Шнуров, Алёна Свиридова, Аврора, Юлия Паршута ва бисёр чеҳраҳои дигари маъруфро ҳамоҳанг кардааст.

Дар асл, ӯ яке аз нодиртарин менеҷерони Русия мебошад, ки ҳамзамон манфиатҳои ҳунармандон, актёрон, ровиёни телевизион ва дигар шахсиятҳои шинохтаи кишварро намояндагӣ мекунад.

## ШАХСИЯТИ БОНУФУЗИ БОЗОРИ ШОУ-БИЗНЕСИ РУСИЯ

Дар доираҳои касбӣ Табриз Шаҳидиро шахсе медонанд, ки қариб ҳамаи бозигарони калидии шоу-бизнеси Русияро хуб мешиносад. Ҳар сол ширкати ӯ ҳазорон чорабиниҳои сатҳҳои гуногун - аз маҳфилҳои хусусии соҳибкорони бузург то форумҳои федералӣ ва ҷашнҳои давлатиро ҳамоҳанг месозад. Бо агентии ӯ бузургтарин корпоратсияҳои Русия, мақомоти минтақаҳо, ширкатҳои пешсафи ташкилкунандаи чорабиниҳо ва муассисаҳои давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Дар яке аз мусоҳибаҳои худ Табриз Шаҳидӣ гуфтааст, ки ҳамарӯза садҳо дархост барои даъвати ҳунармандон ва ташкили чорабиниҳо мегирад ва қисми зиёди онҳо танҳо ба шарофати обрӯ ва эътибори шахсии ӯ пешниҳод мешаванд.

## НУФУЗЕ, КИ БО МАНСАБ ЧЕН КАРДА НАМЕШАВАД

Табриз Шаҳидӣ ягон мақоми давлатӣ надорад ва роҳбари ягон созмони диаспораи тоҷикон дар Русия низ нест.

Аммо нуфузи воқеии ӯ аз доираи шоу-бизнес хеле фаротар меравад.

Дар тӯли беш аз бист соли фаъолият ӯ шабакаи густурдаи муносибатҳои кориро бо соҳибкорони калон, роҳбарони ширкатҳо, чеҳраҳои маъруфи сиёсӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма, мақомоти минтақаҳои Русия ва доираҳои фарҳангии кишвар ташаккул додааст.

Аз ҳамин ҷост, ки бисёре аз тоҷикони муқими Русия ӯро шахсе медонанд, ки метавонад дарҳои муҳити фарҳангии Русияро ба рӯйи ҳамватанон боз намояд.

## САФИРИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК БИДУНИ МАҚОМИ РАСМӢ

Гарчанде фаъолияти асосии Табриз Шаҳидӣ дар Русия ҷараён дорад, ӯ ҳамеша аз тоҷик будани худ ифтихор кардааст.

Ҳамчун фарзанди яке аз машҳуртарин бастакорони Тоҷикистон, ӯ пайваста мероси эҷодии сулолаи Шаҳидиёнро муаррифӣ менамояд ва имрӯз аз маъруфтарин зодагони Душанбе ба шумор меравад, ки дар фазои фарҳангии Русия ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст.

Чаро Табриз Шаҳидӣ дар радифи бонуфузтарин тоҷикони Русия қарор дорад?

Нуфузи Табриз Шаҳидӣ на аз мансаби давлатӣ ва на аз ҳаҷми дороиҳои молиявӣ сарчашма мегирад. Сармояи воқеии ӯ эътимоди бесобиқа, обрӯи касбӣ, шабакаи васеи муносибатҳои шахсӣ ва қобилияти муттаҳид сохтани манфиатҳои ситораҳои сатҳи аввал, доираҳои соҳибкорӣ ва ташкилкунандагони бузургтарин чорабиниҳои Русия мебошад. Дар давоми зиёда аз ду даҳсола ӯ ба яке аз пурэътибортарин менеҷерони консертии Русия табдил ёфта, номи худро ҳамчун нишонаи эътимод ва касбият дар ҷаҳони шоу-бизнеси Русия сабт кардааст. Аз ин рӯ, Табриз Шаҳидӣ сазовори ҷойгоҳ дар феҳристи бонуфузтарин тоҷикони Русия гаштааст.



*Толибхон Шаҳидӣ бо Игор Верник ва Лера Кудрявсева*

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# МУКОЛАМАИ НАВИ ДУШАНБЕ ВА ВАШИНГТОН

(Аввалаш дар саҳ. 3)

Ин аввалин санади чунин сатҳ дар доираи стратегияе мебошад, ки маъмурияти Доналд Трамп барои ҳамкориҳои байналмилалии тандурустӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ қабул кардааст.

Барнома ба баланд бардоштани масъулияти муштарак, худкифоии миллӣ ва шаффофияти бештари низоми тандурустӣ равона шудааст.

### ПЛАТФОРМАИ ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОНУ ИМА

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва ИМА собиқаи беш аз се даҳсола доранд. Пас аз истиқлоли Тоҷикистон Вашингтон тавассути барномаҳои гуногуни давлатӣ, аз ҷумла USAID дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, амнияти озуқаворӣ, рушди иқтисодӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва идоракунии давлатӣ кумакҳои молӣ ва техникӣ расонидааст.

Бар асоси маълумоти расмии ИМА, ҳаҷми умумии кумакҳои ҳукумати Амрико ба Тоҷикистон то соли 2020 аз 2 миллиард доллар гузашта буд.

Формати машваратҳои солонаи сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва ИМА соли 2010 таъсис ёфта, ҳамчун майдони доимии баррасии масъалаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва минтақавӣ истифода мешавад. Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон низ ин машваратҳоро яке аз абзорҳои асосии дуҷониба дар муносибатҳои Тоҷикистон ва ИМА тавсиф кардааст.

Бозгашти ин машваратҳо пас аз чанд соли таваққуф нишон медиҳад, ки Вашингтон мехоҳад дар Осиёи Марказӣ ҳузури фаъолтар дошта бошад. Барои Тоҷикистон бошад, муколама бо ИМА метавонад як имкони иловагӣ барои ҷалби сармоя, дастрасӣ ба технология, таҳкими амнияти марзӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои тиҷорӣ бошад.

Коршиносон бар он назаранд, ки натиҷаҳои сафари Сироҷиддин Муҳриддин ба Вашингтон нишон медиҳанд, ки ҳам Душанбе ва ҳам Вашингтон мехоҳанд муносибатҳои худро бештар амалӣ ва иқтисодмеҳвар созанд.

**Одил НОЗИР, "Тоҷикистон"**

# АЗ ОВРИНГ ТО ШОҲРОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## Роҳи Душанбе - Чаноқ ин масирро ба маъраз гузоштааст





**Чун сухан дар бораи роҳҳои кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ равад, пеши назар машаққати мардуми кӯҳистон меояд, зеро вазъи бади роҳҳо бештар ба сокинони ин минтақаи мамлакат таъсиррасон буд. Насли нисбатан солор зимни шарҳу тавзеҳи моҳияти роҳ дар пешбурди ҳаёт вожаи «овринг»-ро зиёд истифода мекарданд.**

Қобили зикр аст, ки овринг дар минтақаи Фалғару Кӯҳистони Мастчоҳ ва Бадахшон хеле зиёд буда, роҳе аст, ки дар танаи шахҳои баланди каснозар, дар он ҷое, ки аслан роҳ вуҷуд надорад, барои гузаштан ба ҷониби дигар аз навдаву қамиш ва шоху барги дарахтон ба тариқи бастан сохта мешуд. Аз чунин роҳи ларзони ҳавоӣ танҳо як нафар бо як хари бордор мегузашту халос.

Тавре аз хотироти шоҳидони ҳол бармеояд, борҳо шудааст, ки мусофирон ҳангоми гузаштан аз он бо хару бори худ ба коми ҷар рафтаанд. Гузаштан аз чунин роҳ қонуну қоидаҳои сахти худро дошт. Барои мисол, вақте ки дар овринг ду нафар рӯ ба рӯ меомаданд, илоҷи пас гаштан набуд, як нафар маҷбур буд аз баҳри бору хари худ бароҷду онро ба коми фано, яъне ба ҷар фиристад, то ки дигаре тавонад бигзарад, вагарна ҳардуро марг интизор буд. Ин ҳолат дар шеъри устод Лоиқ - «Ду мастчоҳӣ дар овринг» хеле воқеӣ инъикос шудааст.

- Калимаи «роҳ» дар фарҳангҳои тафсирӣ ба маънои «ростӣ» низ меояд ва ибораҳои «роҳи рост» ва «роҳи сафед», ки асосан покиву накӯкорӣ ва дуои некро ифода месозанд, дар адабиёти фарҳангофарину тамаддунсози тоҷикон собиқаи чандинҳазорсола доранд. Бинобар ин, роҳсозиву роҳкушоӣ дар ҳама давру замон ниишони рушди мамлакат, пайвандгари фарҳанг ва маданияти ҳамон насл ба ҳисоб меравад,- фармудаанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Маҳз бо ибтикори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегӣ эътироф шуд. Муҳим он аст, ки дар муддати бениҳоят кутоҳ мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо шуда, ба кишвари воҳид табдил ёфт. Ҳоло аз он оврингҳо ному нишоне намондааст, аҳолии мамлакат, хусусан он қисмати кӯҳистон, ки азоби бероҳиҳоро кашидаву ҳафтаҳо дар бероҳаҳо нигарон мемонданд, бо муҳаббату миннатдорӣ аз сиёсати созандаи Ҳукумати Тоҷикистон ва Пешвои миллат сухан мегӯянд. Он ки ҳамасола 6-7 моҳ қисматҳои шимолу ҷануби мамлакат аз ҳам ҷудо мегардиданду акнун бо ҳам тамоми сол пайванди ногусастанӣ доранд, худ гувоҳи комёб буданамон дар ин самт мебошад.

Яке аз роҳҳое, ки қаблан душворгузар маҳсуб мешуд, роҳи Душанбе - Чаноқ мебошад. Мардум азобҳои дар роҳҳои пурпечутобу хатарноки Душанбе - Айнӣ - Панҷакент, Душанбе - Айнӣ - Хуҷанд, махсусан ағбаи Анзоб кашидаашонро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунанд. Мусофирону ронандагон ҳафтаҳо дар Майхӯра ё мавзеи «Ветерок»-и ноҳияи Айнӣ шабҳоро рӯз мекарданд. Аз сабаби зиёд будани теъдоди мусофирон ҳама тавассути тайёра ба шаҳри Хуҷанд рафта наметавонистанд. Ба шаҳри Панҷакенту ноҳияи Айнӣ дар фасли зимистон аз Душанбе ва Хуҷанд рафтуомад имконнопазир гардида, танҳо ба воситаи шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон имкони ба водии Зарафшон рафтан мавҷуд буд.

Аз ҷониби дигар, вазъи ноговори роҳ боиси он мегардид, ки ронандагон хароҷоти зиёдатӣ намоянд. Бинобар ҳолати ноговори роҳ мошинҳо, сарфи назар аз сабукрав ва ё боркаш будан, зуд-зуд вайрон шуда, боиси нороҳатӣ ва хароҷоти зиёдатӣ мегардиданд. Ин роҳ бо ҳамаи иншооташ бисёр зебо аст ва ин зебоӣ аз бинанда дил мебарад. Бо ин роҳу иншооти бузургаш метавон ифтихор кард. Кӯҳҳои бузургу бас баландро шикофтанду роҳ сохтанд. Дар ин маврид гузашта низ пеши назар меояд. Роҳҳои харобу ранҷҳои беҳисоб, шукр, ки пушти сар шуданд. Кунун одамон ба дидори ҳамдигар бе мушкилӣ мерасанд. Ин ҳамаро, албатта, бояд шукр гуфт. Ҳаргиз фаромӯш набояд кард, ки солҳое, ки мо дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ будем, ин орзуи деринаи сокинони сарзамини бостонии мо ҷомаи амал напӯшида буд.

Бояд эътироф кард, ки дар муқоиса ба дигар роҳҳои кишвар, вазъи роҳи Душанбе - Чаноқ хеле беҳтар буда, сарфи назар аз он ки аз минтақаи релефи душвори кӯҳистон мегузараду дар мавзеи аз офатҳои табиӣ зиёдтар осебпазир воқеъ мебошад, ҳаракати муназзаму бехатари воситаҳои нақлиёт тариқи он таъмин аст. Табиист, ки ҳолати хуби роҳи мавриди назар самараи масъулиятшиносии нигоҳбони он - филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Таҷрибаи нигаҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ нишон дод, ки «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар самти коршоям нигоҳ доштани роҳи мазкур тамоми чораҳоро меандешад ва бо мақсади тасмимгирии дуруст ва гирифтани таҷриба бо ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ дар соҳаи роҳсозӣ муносибатҳои шарикиро ба роҳ мондааст. Барои қиёс ба хулоса зикр бояд кард, ки таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе - Чаноқ соли 2012 оғоз гардида, ҳамон сол 2000 тонна асфалт харҷ шуда буд. Минбаъд ин нишондиҳанда тамоюли афзоишро касб карда, соли 2013 ба 6000 тонна, 2014 - 10000 тонна, 2015 - 15000 тонна, 2016 - 13575 тонна, 2017 - 51551 тонна, 2018 - 30864 тонна, 2019 - 49862 тонна, 2020 - 29377 тонна, 2021 - 55366 тонна, 2022 - 39916 тонна, 2023 - 25079 тонна, 2024 - 18408 тонна ва соли 2025 ба 25204 тонна асфалт расид. Дар маҷмуъ, давоми фаъолият барои таъмиру таҷдиди роҳи мазкур қариб 400000 тонна асфалт харҷ шудааст. Дар мавсими имсола низ таъмири ҷорӣ ва куллии роҳ босуръат, дар сатҳи хубу сифати баланд идома дошта, дар назар аст, ки барои таъмири куллӣ ва ҷории ҷодаи зикршуда чун нишондиҳандаҳои солҳои қаблӣ асфалт харҷ гардад.

Агар гӯем, ки 16 соли фаъолият марҳилаи санҷишу имтиҳонҳои ҷиддӣ, такомулу шаклгирии фаъолият, тавсеаи равобит, болоравии сатҳи маърифият, пурқувват гардидани пойгоҳи техникӣ, саҳмгузорӣ дар ғановати буҷети давлатӣ ва ғайра маҳсуб мешавад, муболиға нахоҳад буд. Корҳои амалишуда далели бебаҳси онанд, ки дар тамоми ҳолат кормандони филиали Ширкат рисолати дар асоси шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вогузоршударо дар сатҳи хуб ва бо сифати баланд ба ҷой оварда истодаанд.

Ҳолати хуби роҳи Душанбе - Чаноқ ба рушди туризми дохилию хориҷӣ низ мусоидат намуд. Тамоми сол сокинони қисмати марказию ҷануби кишвар тавассути роҳи мазкур ба осоишгоҳҳои «Ҳавотоғ»-у «Зумрад» ва тамошои Хуҷанду Қайроққум мераванд. Сокинони шимоли кишвар бошанд, дар зарфи чанд соат ба пойтахт расида, ба тамошои қалъаи Ҳисору осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Оби Гарм» ва сайри «Чилучорчашма» метавонанд мушарраф гарданд. Сайёҳони хориҷӣ низ имкон пайдо намуданд, ки аз баракати роҳи нав тамоми сол бо табиати зебои диёрамон ошно шаванду аз тамошои он лаззат баранд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, комилан бо андеша дар бобати он ки роҳи Душанбе - Чаноқ шоҳраге дар пайкари Тоҷикистони азиз маҳсуб мешавад, ҳамфикрам.

**Наҷиба МУРОДБЕКОВА, журналист**

# 10 ФОИДАИ ОББОЗӢ БА САЛОМАТИИ ИНСОН

**Бо фаро расидани фасли тобистон ҳазорон нафар барои раҳоӣ аз гармӣ ва истироҳат роҳи соҳили дарёҳо, кӯлҳо ва ҳавзҳои шиновариро пеш мегиранд. Оббозӣ на танҳо василаи хуби фароғат, балки яке аз муфидтарин намудҳои фаъолияти ҷисмонӣ низ ба ҳисоб меравад. Мутахассисон бар ин назаранд, ки шиноварӣ ба фаъолияти қариб тамоми узвҳои бадан таъсири мусбат расонида, ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳи инсонро нерӯманд месозад. Бо вуҷуди ин, риояи қоидаҳои бехатарӣ ва гигиенӣ ҳангоми оббозӣ ҳатмист.**



### 1. ТАМОМИ БАДАНРО БА ҲАРАКАТ МЕОРАД

Шиноварӣ аз ҷумлаи камтарин намудҳои варзиш аст, ки дар он ҳамзамон мушакҳои дасту пой, пушт, китф, қафаси сина ва шикам фаъолона кор мекунанд. Ин боиси рушди мутаносиби мушакҳо ва беҳтар шудани қомати инсон мегардад.

### 2. БА БУҒУМҲО ФИШОР НАМЕОРАД

Дар об вазни бадан камтар эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, буғумҳо ва сутунмуҳра зери фишори зиёд қарор намегиранд. Маҳз ҳамин хусусият шиновариро барои шахсони гирифтори дарди буғумҳо, артроз, дарди миён ва вазни зиёдатӣ хеле мувофиқ месозад.

### 3. ДИЛУ РАГҲОРО МУСТАҲКАМ МЕКУНАД

Оббозӣ гардиши хунро беҳтар намуда, кори дилро фаъол мегардонад. Машқи мунтазам метавонад хатари баъзе бемориҳои дилу рагҳоро коҳиш ва устувории ҷисмониро афзоиш диҳад.

### 4. ФАЪОЛИЯТИ ШУШРО БЕҲТАР МЕСОЗАД

Ҳангоми шиноварӣ нафаскашӣ амиқтар ва мунтазамтар мешавад. Ин ҳолат зарфияти шушро зиёд карда, мушакҳои нафаскаширо пурқувват мегардонад ва ба беҳтар шудани фаъолияти системаи нафас мусоидат мекунад.

### 5. БАРОИ КАМ КАРДАНИ ВАЗН МУСОИДАТ МЕНАМОЯД

Шиноварӣ яке аз роҳҳои самараноки сӯзондани калория мебошад. Дар як соати шиновари фаъол вобаста ба шиддати машқ аз 400 то 700 килокалория сарф мешавад. Аз ин рӯ, он барои мубориза бо вазни зиёдатӣ хеле муфид аст.

### 6. МУШАКҲОРО НЕРӮМАНД МЕСОЗАД

Муқовимати табиии об боиси он мегардад, ки тамоми мушакҳои бадан ҳангоми ҳаракат бештар кор кунанд. Дар натиҷа қувва ва тобоварии мушакҳо афзоиш меёбад.

### 7. СТРЕСС ВА ИЗТИРОБРО КОҲИШ МЕДИҲАД

Шиноварӣ яке аз роҳҳои табиии рафъи хастагӣ ва асабоният мебошад. Ҳангоми машқ дар организм эндорфин - гормони хушҳолӣ бештар ҳосил шуда, рӯҳияи инсон беҳтар мегардад ва эҳсоси оромиш ба вуҷуд меояд.

### 8. ИММУНИТЕТРО ТАҚВИЯТ МЕБАХШАД

Фарқи ҳарорати об ва бадани инсон системаи муҳофизатии организмро фаъол месозад. Дар натиҷа муқовимати организм нисбат ба баъзе бемориҳо бештар мегардад.

### 9. БА ХОБИ ОРОМ МУСОИДАТ МЕКУНАД

Пас аз шиновари фаъол мушакҳо истироҳат мекунанд, хастагӣ аз байн меравад ва организм барои хоби амиқтар омода мешавад. Аз ин рӯ, оббозӣ барои шахсони гирифтори бехобӣ низ муфид аст.

### 10. ФИТНЕСИ БЕХАТАР БАРОИ АКСАРИ СИННУ СОЛ

Бар хилофи баъзе намудҳои дигари варзиш, шиноварӣ хатари осеб дидани буғумҳо ва пайвандҳоро камтар дорад. Аз ҳамин сабаб он барои кӯдакон, ҷавонон, калонсолон ва ҳатто пиронсолон яке аз машқҳои беҳтарин ба ҳисоб меравад.

### ЭҲТИЁТ ҲАМ ЛОЗИМ АСТ

Ҳарчанд оббозӣ фоидаҳои зиёде дорад, беэҳтиётӣ метавонад боиси мушкилоти саломатӣ гардад. Оби ифлос ё хеле сард метавонад сабаби пайдоиши баъзе бемориҳои сироятӣ ва илтиҳобӣ шавад. Ҳангоми шиноварӣ дар ҳавзҳо эҳтимоли таъсири хлор ба пӯст ва чашм вуҷуд дорад. Рафтани об ба гӯш низ метавонад боиси илтиҳоби гӯш гардад.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки шахсони гирифтори бемориҳои шадиди дил, бемориҳои фаъоли сироятӣ, сили фаъол, захмҳои кушода ва баъзе бемориҳои вазнини рагҳо аз оббозӣ худдорӣ намоянд. Инчунин, шахсоне, ки шиновариро намедонанд, бояд танҳо дар ҷойҳои махсус ва зери назорати наҷотдиҳандагон оббозӣ кунанд.

### ХУЛОСА

Оббозӣ яке аз беҳтарин намудҳои фаъолияти ҷисмонӣ буда, метавонад ҳамзамон ба дил, шуш, мушакҳо, буғумҳо ва ҳатто ҳолати рӯҳии инсон таъсири мусбат расонад. Аммо барои он ки ин машғулият воқеан ба саломатӣ фоида орад, бояд танҳо дар ҷойҳои бехатар оббозӣ карда, қоидаҳои гигиенӣ ва тавсияҳои табибонро риоя намуд. Зеро оббозии дуруст на танҳо роҳати тобистон, балки сармоягузорӣ ба саломатии дарозмуддат аст.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ин ҳафта тағйироти ҷолиб дар пеш аст. Сирру асрори худро ба ҳар кас нагӯед, ҳатто агар ба ӯ боварӣ дошта бошед. Дар кор фаъолу ташаббускор бошед, заҳмататон беқадр намемонад. Аз мушкили молӣ ҳавотир нашавед, вазъият ба зудӣ беҳтар мешавад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Дар ҷойи кор аз ғайбат ва суханони беасоси ҳамкорон эҳтиёт кунед. Эҳтимол барои саломатӣ, таҳсил ё ниёзҳои фарзандон маблағ сарф намоед. Хушмуомилагӣ ва рӯҳияи болида ба шумо дар расидан ба ҳадафҳо кумак мекунад.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Машғулияти нав метавонад зиндагии шуморо шавқовартар гардонад. Агар дар муносибатҳо мушкил пеш ояд, каме фосила гирифтан ба нафъи шумост. Аз ҳад зиёд худро хаста накунед, зеро организматон ба истироҳат ниёз дорад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Аввали ҳафта эҳсосоти шумо каме ноором мешавад, бинобар ин бо сабру таҳаммул амал кунед. Ҳангоми варзиш худро аз ҳад зиёд хаста насозед. Тозаву озода кардани ҷойи кор метавонад барои шумо бозёфти ҷолиб оварад.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Дар масъалаҳои ошиқона шитоб накунед ва пеш аз изҳори эҳсосот шахсро хубтар бишносед. Вохӯрӣ бо дӯстон ва наздикон ба шумо рӯҳияи хуб мебахшад. Дар муносибатҳои хонаводагӣ меҳрубон ва бодиққат бошед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ҳафта барои оғоз кардани корҳои нав ва анҷом додани харидҳои муҳим хеле мувофиқ аст. Аз баҳсу мунoқишаҳо дурӣ ҷӯед ва ҳангоми истифодаи асбобҳои барқӣ эҳтиёт бошед. Барои беҳтар шудани ҳаёти шахсӣ имкониятҳои хуб пайдо мешаванд.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ин ҳафта оила барои шумо манбаи асосии нерӯ ва илҳом мегардад. Барои беҳтар кардани вазъи молиявӣ имкониятҳои хуб пайдо мешаванд. Агар имконият дошта бошед, бештар истироҳат кунед. Шиносоии нав ва вохӯриҳои ҷолиб эҳтимол доранд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ба корҳои дӯстдошта ва эҷодӣ бештар вақт ҷудо кунед, зеро онҳо ба шумо илҳоми тоза мебахшанд. Барои корҳои рӯзгор каме хароҷот мешавад, вале дар муҳаббат ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо хоҳад буд. Сайругашт дар табиат хастагиро аз байн мебарад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Агар аз кори ҳаррӯза хаста шуда бошед, барои худ каме истироҳат ва фароғат ташкил кунед. Ин ҳафта ҷаззобияти шумо бештар мешавад ва дар муносибатҳои шахсӣ муваффақ мегардед. Ба касоне, ки меҳоҳанд аз эҳсосоти шумо истифода баранд, роҳ надиҳед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ин ҳафта худро пурқуввату фаъол эҳсос мекунед. Сафар, вохӯриҳои нав ва ҳалли масъалаҳои расмӣ бобарор анҷом меёбанд. Дар ҷойи кор баъзе нофаҳмиҳо рух дода метавонанд, аммо онҳоро ба зиндагии шахсӣ роҳ надиҳед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Истеъдод ва эҷодкории шумо ин ҳафта ба хубӣ намоён мешавад. Оромиро нигоҳ доред ва ба эҳсосоти манфӣ дода нашавед. Аз одамоне, ки шуморо қадр намекунанд, дурӣ ҷӯед. Дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор бошед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Барои расидан ба орзуҳои худ бояд каме бештар заҳмат кашед, вале натиҷа шуморо шод хоҳад кард. Хотираҳои гузашта метавонанд дубора ба ёдатон оянд ва барои худ хулосаи муҳим мебаровед. Дар ҷойи кор заҳмататон қадр мешавад.

# ЖУРНАЛИСТИ ТАВОНОЮ АДИБИ ПУРМАҲСУЛ



**Зимни интишори ҳар асаре пешгуфтор ё сарсухане барои он фароҳам меоваранд, то хонандаи закӣ ошноии муқаддамотие бо муҳтавои китоб пайдо намояд. Дар оғоз муаллифро эҳсосе фаро мегирад, ки навиштани пешгуфтор кори осонест. Вале ҳангоми мутолиаи асари тозанашри журналисти ҷасуру тавоною донишманд ва адиби тозакору пурмаҳсул Хуршед Атовулло сайъ намудам, ки тамоми заҳмати нависандаро пеши назар оварам ва барои худ як масъулияте эҳсос намудам. Бояд танҳо ҳақиқатро рӯйи варақ биоварам.**




Хуршед Атовуллоро ҳамчун рӯзноманигори соҳибқалам аз соли 1998, ҳине, ки дар рӯзномаи баъди солҳои тӯлонӣ эҳёгардидаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ҳамчун ходими адабӣ кор мекард, мешиносам ва ба эҷодиёти ин суханвари боистеъдод таваҷҷуҳи хоса дорам. Зеро Хуршед Атовулло аз аввалин рӯзҳои ба касби рӯзноманигорӣ қадам гузоштан ба насри мочароӣ рӯй овард ва дар пайравӣ бо адибони шинохта Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалик Баҳорӣ, Михаил Левин, Нарзулло Тилозода, Ғайрат Ҳаким ҷойҳои холии намунаи насри мочароиро бо асарҳои пурмазмунаш пур кард ва ҳатто вобаста ба ду асараш филмнома ҳам навишт.

Ва инак, тавассути нашриёти «Ирфон» асари тозаэҷодашро бо номи «Блогер» пешкаши хаводорони каломи бадей, мухлисон ва шавқмандони ин жанри адабӣ намуд.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки олими шинохта, профессор Иброҳим Усмонов ба ин асар пешгуфтори пурмуҳтавое навишта, комёбию пешравии муаллифро бо пуррагӣ ба хонанда шинос намудааст.

Асар аз ҳашт қисса иборат буда, мавзуи мубориза ба муқобили ҷиноят, пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ, ба сифати қаҳрамони мусбат ба ҷойи аввал баровардани кормандони мақомоти қудратӣ диққати хонандаро ҳангоми мутолиа ҷалб менамояд.

Инъикоси хубиву зиштӣ, ки мазмуни асосии қиссаҳои мочароиро дар бар гирифтааст, аз он дарак медиҳад, ки маҳорату таҷрибаи асар офаридани рӯзноманигори барҷаста сайқал ёфта, адиб қиссаҳои пурмазмун, хонданбоб офарида, дар навиштаҳояш кормандони мақомоти қудратӣ дар маркази мубориза бо ҷинояткорон ҷоннисорӣ намуда, ҳадаф ва мақсадашро нависанда хеле ҷаззоб ва бомаҳорат тасвир намудааст.

Масъалаи ғаму шодӣ, андуҳу алам ва шеваву тарзи бархӯрди инсонро адиб дар қиссаҳояш ба таври мустақим изҳор карда, ҳолати рӯҳию равонии қаҳрамонҳоро барҷаста ба қалам додааст.

Маврид ба зикр аст, ки навиштаҳои адиб Хуршед Атовулло ба ҷавонон тааллуқ дошта, онҳоро дар рӯҳияи оштинопазирӣ ба ҷиноят ва ҷинояткорӣ тарбия менамояд.

Бояд бо масъулият қайд намуд, ки нависанда дар адабиёти муосири тоҷик ба адиби шуҳратманд Артур Конан Дойл пайравӣ намуда, дар ҳамаи нигоштаҳояш номи се қаҳрамонаш - Шоҳин Азизов, муфаттиш Амонов ва журналист Ҷамшеди Ҳабибро персонажи марказии мусбат нишон дода, бо ин усули корбарӣ қиссаҳояшро шавқовар ва пурмазмун тасвир намудааст.

Бе муҳобот, қайд карданием, ки адиб Хуршед Атовулло ҳангоми таълифи асар навоварӣ ҷорӣ карда, дар паҳлуи кормандони мақомоти қудратӣ қаҳрамони асосӣ - рӯзноманигор Ҷамшеди Ҳабибро ҷой додааст, ки ӯ ҳамчун Шерлок Холмс амал намуда, гиреҳи ҷиноятҳои мушкил, вазнин ва мураккабро бо маҳорат, таҳлили аниқ, бо хулосабарории илмии мантиқӣ кушода, адолатро барқарор карда ва ҳақро ба ҳақдор месупорад.

Маврид ба зикр мебошад, ки адиб хеле бо ҷуръат, бо маҳорат макру фитнаи ҷинояткоронро, ки аз мусибату нокомиҳои қаҳрамонон моҳирона истифода мебаранд, кушода, симои ҳақиқӣ ва нияти нопоки онҳоро ба хонанда кушода медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки рӯзноманигори шоиставу ҷасур аз навиштани ҳодисаву воқеаҳои ҷиноятӣ намеҳаросад, бо далерию ҷасорат никобро аз рӯйи афроди ҷиноятпеша мекушояд ва бо ин тарзи ифода кардани мавзуъ дар дили хонанда бовари нисбати ғолибияти некӣ ба бадиро ҷой дода, бо ин усули нигоришаш масъулияти адибиашро бо сари баланд иҷро карда истодааст.

Тавре дар боло қайд намудем, яке аз навовариҳои адиб дар он аст, ки дар паҳлуи кормандони мақомоти қудратӣ рӯзноманигор Ҷамшеди Ҳабиб ҷой гирифта ва ӯ бо донишу маҳорати касбӣ симои ҷинояткорони ашаддиро кушода, мушкилии кори кормандони тафтишотиро бартараф карда, бо қобилияти кордониаш ҷинояткоронро пушти панҷара мебарад ва худи кормандони мақомот ба қобилияти кордонӣ ва дониши рӯзноманигор қоиланд.

Баъди қадаҳи якум Амонов ногаҳон иқрор шуд:

- Ҷамшед, агар кунҷковии ту намешуд, ин ҷиноят фош нашуда мемонд. (Қиссаи «Шантаж», саҳ. 39).

Муаллиф симои қаҳрамони асосии асараш Ҷамшед Ҳабибро тавонистааст бо тамоми санъату маҳорати ҷустуҷӯйӣ ва кофтуковии ҷинояткор ба қалам диҳад. Ба ин муколамаи ҷинояткор бо Ҷамшед Ҳабиб диққат диҳед:

- Оҳ журналист! Аз аввал медонистам, ки сари маро ту меҳӯрӣ! Ҷаро он рӯз барои заҳр пошидан ба хӯроки ту ман фурсат наёфтам? Ҳар чӣ гуфтӣ, рост аст! (Қиссаи «Миледи», саҳ. 63-64).

Вижагии дигари муаллиф дар он аст, ки хислату характери қаҳрамони асосии асарро, маҳорату кордонии қаҳрамонашро аз забони персонажҳои дигар хеле кушоду равшан рӯйи авроқ овардааст.

- Ман бовар дорам, ки танҳо Ҷамшед сенарияи ин куштору ин ғорат, ҷойи пули русткардашуда, сабаби ба ин амал даст задани қотилон, гунаҳкор будан ё набудани Насим Азизбековро медонад... Ин ҳама Ҷамшеди Ҳабиб аст, ки ин гуна ҳунару заковату ақл дораду далелҳоро метавонад бо ҳам пайванд диҳад. Нуктаҳоеро бо ҳам пайванд диҳад, ки дигарон мебинанду намебинанд. Барои дидани ин ҳама, дарки ин ҳама шахси ҷӯянда бояд ба пӯсти қотил дарояд, бояд чун мақтул андешад, бояд таъсири равонии ҳар ҳодисаю воқеаотро дарк кунад, бояд мисли иштирокчии бевоситаи ин ҳама бошад. Ва дар миёни мо танҳо Ҷамшед ин гуна ҳунар дорад...,- вазир аз дасти Ҷамшед гирифту пеш аз ҳама ба сӯйи дача фаромад. (Қиссаи «Рози Майхӯра», саҳ. 274-275).

Боиси хушнудист, ки забони асар сода, равон, гуворо ва оммафаҳм буда, адиб хело ҷаззоб ва бо маҳорат дар ҷой ва мавқеъ аз панду андарз, мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ва шеъру ғазалҳои шоирони классику муосир фаровон истифода бурдааст.

Муаллиф аз зумраи рӯзноманигоронест, ки забонро бо тамоми нозукиҳояш фаро гирифта. Тозакориҳои адиб дар офариниши таъбироти тозаи калимот ва махсусан баҳрагирӣ аз забони зинда ва вожагони шева ниҳоят зиёд аст. Адиб аксар вақт аз калимоте суд меҷӯяд, ки дар лаҳҷа корбурд доранд, вале дарҳои забони адабӣ бароишон баста аст.

Бо боварии том изҳор карданием, ки асари тозанашри адиб Хуршед Атовулло мақбули хонандагони закӣ гардида, дар онҳо ҳисси ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносиро боло мебардорад.

Нависанда Хуршед Атовулло дар авҷи камолоти эҷодист ва аҳли адаби кишвар интизори асарҳои пурмазмуну шавқовари дарҳӯрди ҷомеа буда, итминони комил дорем, ки боз шоҳиди ба табъ расидани чандин асарҳои наваш мегардем.

Дар хотима, месазад, ки адиб Хуршед Атовулло ин асарашро барои дарёфти Ҷоизаи ба номи Устод Садриддин Айнӣ пешниҳод намояд.

**Зариф ҒУЛОМ, адиб**

## МАВЛУДНОМА

### 2 ИЮЛ

**Суҳроб Қурбонов** (1946-2016), 80-солагии зодрӯзи Рассоми халқии СССР, Рассоми халқии Тоҷикистон, се карат дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Тоҷӣ Ҳомидов** (1916-1994), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

### 3 ИЮЛ

**Музаффар Бурҳонов** (1941), 85-солагии зодрӯзи артисти балет, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Аҳлиддин Исоев** (1951-2021), 75-солагии зодрӯзи мухбир-суратгир.

**Раҳмон Пиров** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

### 4 ИЮЛ

**Вайдулло Бобоев** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Юрий Молотковский** (1941-1998), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

### 5 ИЮЛ

**Муқаддама Ашрафӣ** (1936-2013), 90-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Мирзо Бобоев** (1926-2016), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Раҳмон Пиров** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Нусратшоҳ Таваллоев** (1931-2007), 95-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

### 6 ИЮЛ

**Робия Бекназарова** (1921-1957), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Шарофат Додобоева** (1926), 100-солагии зодрӯзи забоншинос.

### 7 ИЮЛ

**Азиз Ниёзмаҳмадов** (1941-1995), 80-солагии зодрӯзи дириҷёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Мулло Олимов** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Гулузор Тураева** (1941), 85-солагии зодрӯзи муҳандис-сохтмончӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Замон Шокирзода** (1941), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

### 8 ИЮЛ

**Авнер Аминов** (1926-1984), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Зиё Икромов** (1911-1996), 115-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

### МЕФУРӮШАМ

### ҲАВЛӢ

Ҳавлӣ, 5 дар хона, 3,5 сот. замин, канализатсия, таъмири аврупой, н. Сино, бозори "Балх", 3 500 000 сомонӣ. Тел.: 93-542-06-94

Хонаи нави 2-ошёна, бо таҳхона, 10 дар хона, 600 м.м., 5 сот замин, сауна, ҳуҷҷатҳояш 100%, маҳ. Водонасос. Тел.: 90-305-04-80

Ҳавлӣ, 4 дар хона, 3 сот. замин, бо канализатсия, нишонӣ: бозори "Кӯшониён". Тел.: 555-55-04-73, 987-92-12-87

### НИЁЗ ДОРЕМ

Рӯбучини пурраи хона, рӯбучин баъд аз таъмир, рӯбучини генералӣ. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

ООО "Шамшер" ба посбонҳо (мард ва зан) ниёз дорад. Тел.: 777-07-70-67

### ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Таъмири хона, штукатурка, шпаклевка, обойчаспонӣ, ламинат, дару тирезачаспонӣ, устои барқ, устои таҷҳизоти сантехникӣ, устои рангмол. Тел.: 75-107-90-90, 907-05-75-97

Таъмири хона. Нархи миёна. Босифат. Тел.: 904-03-91-24

Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

### МЕХАРАМ

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, танга, нишон (монеты), ҳайкалчаҳо, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0773703, ба номи Каримов Шамшод Сорбонович, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №59-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрванди Афғонистон, 02932102, ба номи Шамси Аҳмад Решад (Shamsi Ahmad Reshad), ки санаи 04.07.2018 аз ҷониби Сафоратхонаи Афғонистон дар Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тахти феҳристи №8Д-3573, аз 14.08.2000, ба номи Султонова Хуршеда Маҳмадиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Маяковский, бинои 8, ҳ. 49, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Роҳхати №3306/25 ба номи Ашурзода Авазмаҳмади Абдураҳмон, ки санаи 23.06.2025 аз Вазорати молияи ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҳайдаров Рустам Амонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Дарвоз 63, ҳ. 8, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №9285, ба номи Саидов Нурали Рамазонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи "Восточные холма 86", ки соли 1997 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии бинои анборхона, 01-2436, ба номи Давлатов Зарифбек Шарифбекович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Қаҳҳоров 23-29, ки аз ҷониби КДФ "Молу мулки ғайриманқул дар ш. Душанбе" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Парвандаи заминсозии қитъаи замини бино ва иншооти майдони умумӣ, 32800.0 м.м., шаҳрванд Давлатов Зарифбек Шарифбекович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Қаҳҳоров 23-29, ки аз ҷониби КДФ "Молу мулки ғайриманқул дар ш. Душанбе" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, №1ш-155 аз 30.01.2019, ба номи Ашурова Азизамоҳ Абдуғафоровна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Хоҷамбиёи поён, хонаи 93 а, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии нуқтаи савдо, 28,5 м.м., А022632, ба номи ҶДММ "МИР И КО", ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ф. Ниёзӣ, бинои 36, аз санаи 27.12.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши бино аз 22.08.2019, №9ш-1135, ба номи Давлатов Зарифбек Шарифбекович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Қаҳҳоров 23-29, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №16818, аз 06.09.2019, ба номи Давлатов Зарифбек Шарифбекович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Қаҳҳоров 23-29, ки аз ҷониби КДФ "Молу мулки ғайриманқул дар ш. Душанбе" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии нуқтаи савдо, 11,4 м.м., А022636, ба номи ҶДММ "МИР И КО", бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ф. Ниёзӣ, бинои 36, аз санаи 27.12.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии нуқтаи савдо, 15,1 м.м., А022635, ба номи ҶДММ "МИР И КО", бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ф. Ниёзӣ, бинои 36, аз санаи 27.12.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ба моликият супоридани бинои мағоза барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба бинои дар хонаи навбунёдшуда тахти феҳрасти рақами 1Ш-773, ки аз 18.06.2019 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Юнусов Бобозода Назарович тасдиқ гардидааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии нуқтаи савдо, 25,5 м.м., А022633, ба номи ҶДММ "МИР И КО", бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ф. Ниёзӣ, бинои 36, аз санаи 27.12.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии нуқтаи савдо, 35,2 м.м., А022634, ба номи ҶДММ "МИР И КО", бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ф. Ниёзӣ, бинои 36, аз санаи 27.12.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Навруз 2017", РЯМ: 0410030849, РМА: 040052128, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# ФОТИМАИ 4-СОЛА ПАРЧАМРО ПАРАФШОН КАРД



**Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон кӯдакеро, ки Парчамро аз замин гирифта, ба симчӯб парафшон кард, қадрдонӣ намуд.**

Чанд рӯз пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн шуд, ки дар пайи шамолхои сахт Парчами давлатӣ аз симчӯб ба замин афтодааст ва духтарчаи хурдсоле онро бардошта, парафшон мекунад. Ин навори кӯтоҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ зуд паҳн шуд ва корбарон ба қаҳрамони он таҳсин гуфтанд.

Дар ин росто, Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон муайян кард, ки ин ҳолат дар ҷамоати шаҳраки Бахманрӯди ноҳияи Темурмалик ба вуқӯъ пайвастааст. Духтари хурдсол бошад, Абдуллозода Фотима Сунатуллоi 4-сола мебошад.

Манбаъ меафзояд, ки сардори Шуъбаи ВКД дар ноҳияи Темурмалик, подполковники милитсия Саидчафар Икромзода оилаи кӯдакро бо Сипоснома ва тухфа қадрдонӣ намуд.



ҶОМИ ҶАҲОН

# ҶҶ-2026: ДАСТАҲОЕ, КИ БА ДАВРИ ҲАШТЯКНИҲОӢ РОҲ ЁФТАНД

**Баъд аз он, ки дар даври плей-оффи Ҷоми ҷаҳонии футбол Канада бар Африқои Ҷанубӣ пирӯз шуд, рӯзи дигар Парагвай Олмонро шикаст дод, Бразилия дар муқобили Ҷопон камбэк кард, Марокаш Нидерландро аз сари роҳ дур сохт. Дар рӯзи сеюм Норвеж бар Соҳили Оҷ, Фаронса бар Суид ва Мексика бар Эквадор пирӯз шуданд.**



Бо вуҷуди бартарии назарраси Олмон, Парагвай дар дақиқаи 42-юм ҳисобро кушод. Пас аз танаффус Олмон тавонист баробариро барқарор кунад. Вақти асосӣ ва иловагӣ мусовӣ 1:1 анҷом ёфт. Тақдири роҳхат ба даври 1/8-ниҳоӣ дар силсилаи пеналтӣ ҳал шуд, ки дар он Парагвай бо ҳисоби 4:3 пирӯз шуд.

Дар бозии дуюми рӯз Бразилия маҳорат нишон дод ва Ҷопонро бо ҳисоби 2:1 мағлуб кард. Ҷопон дар нимаи аввал пирӯз шуд ва муддати тӯлонӣ хуб дифоъ кард, аммо пас аз танаффус Бразилия бозиро дигаргун сохт.

Дар бозии Нидерландҳо ва Марокаш аврупоиҳо ҳисобро кушоданд, сипас африкоиҳо ҳисобро баробар карданд. Тақдири ин бозӣ ҳам дар силсилаи пеналтӣ ҳал шуд. Дарвозабон ва бозигарони марокашӣ маҳорати хубтар нишон доданд ва бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуданд.

Норвеж бар Соҳили Оҷ бо ҳисоби 2:1 зафар ёфт. Голи ҳалкунандаро Ҳолланд зад. Фаронса бо дубли Мбаппе ҳисоби бузурги 3:0 Суидро ноком кард ва Мексика Эквадорро шикаст (2:0) дод.

Бозиҳои дигари даври 1\16-ниҳоӣ идома доранд.

ФУТЗАЛ

# «СОРО КОМПАНИЯ» ДАР СУПЕРҶОМ ПИРӮЗ ШУД

**Дастаи «Соро компания»-и шаҳри Душанбе бори панҷум дар таърихи худ соҳиби Суперҷоми футзали Тоҷикистон шуд.**



Дар бозӣ барои Суперҷоми Тоҷикистон-2026 шогирдони Пайрав Воҳидов бар дорандаи Ҷоми Тоҷикистон - дастаи «Сипар»-и шаҳри Хуҷанд бо ҳисоби 4:3 пирӯз шуданд. Воҳӯрӣ рӯзи 28-уми июн дар маҷмааи варзишии «Қасри варзиш»-и шаҳри Хуҷанд баргузор гардид.

Голҳои «Соро компания»-ро Хуго Кардозо, Эрилсон Руан, Самандар Ризомов ва Идрис Ёров ба самар расониданд. Аз ҳайати «Сипар» бошад, Иқбол Воситзода, Муҳаммад Шарипов ва Марко Антонио муаллифи гол шуданд.

Дарвозабони эронии дастаи «Соро компания» Саид Торабиде беҳтарин бозигари воҳӯрӣ барои Суперҷоми Тоҷикистон-2026 эътироф гардид.

Қобили зикр аст, ки «Соро Компания» қаблан низ солҳои 2021, 2022, 2023 ва 2025 соҳиби Суперҷоми Тоҷикистон гардида буд. Бо пирӯзии имсола даста панҷумин Суперҷоми худро ба даст оварда, бори дигар мақоми худро ҳамчун яке аз пурқувваттарин бошгоҳҳои футзали кишвар собит кард.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# МАРҲИЛАИ ДУЮМ БО ПИРӮЗИИ ДАСТАҲОИ ПЕШСАФ ШУРУЪ ШУД

**Пас аз танаффус дар Лигаи олии футболи Тоҷикистон, ки дар ин муддат бозиҳои Ҷоми Тоҷикистон баргузор шуданд, чемпионат ба бозиҳои даври 12-ум баргашт. Марҳилаи дуюм бо чанд бозии калидӣ оғоз ёфт ва натиҷаи асосии он шиддат гирифтани сабқати чемпионӣ буд.**

Се дастаи беҳтарин бозиро қариб бе аз даст додани имтиёзҳо идома медиҳанд, дар ҳоле ки КМВА пас аз шикаст дар майдони худ мубориза барои ба даст овардани унвони чемпиониро ба таври назаррас барои худ мушкилтар кард.

Пирӯзии «Ҳосилот» бар КМВА (3:2) ба дастаи Фарҳор имкон дод, ки аз рӯйи имтиёзҳо аз «Регар-ТадАЗ» пеш гузарад ва ҷойро дар мусобиқаи қаҳрамонӣ таъмин кунад. КМВА ҷорумин шикасти худро дар мавсим таҳаммул кард.

Дастаҳои пешсаф бо ҳисоби камтарин пирӯзӣ ба даст оварданд. «Истиқлол» дар Турсунзода «Сардор»-ро бо ҳисоби 1:0 шикаст дода, мақоми аввалро нигоҳ дошт.

«Регар-ТадАЗ» низ пирӯзии ба ҳамин монанди муҳимро ба даст овард. Дар Кӯлоб даста «Равшан»-ро шикаст (1:0) дод. Ин муборизаро барои ҷойи аввал боз ҳам шадидтар мекунад. «Истиқлол» аз «Регар-ТадАЗ» ва «Ҳосилот» ҳамагӣ як имтиёз зиёдтар дорад.

Яке аз лаҳзаҳои муҳими давр дербии Хуҷанд буд. «Хуҷанд» бо ҳисоби 1:0 бар «Эсхата» пирӯз шуд ва ба мақоми ҳафтум баромад, ки барои ҷой дар шашгонаи беҳтарин мубориза мебарад. Ду бозӣ мусовӣ анҷом ёфтанд. «Истаравшан» боз ҳам ба аввалин пирӯзии худ дар мавсим наздик шуд, аммо «Парвоз» дар нимаи дуюми бозӣ таволист аз шикаст раҳоӣ ёбад ва бо ҳисоби 1:1 мусовӣ кунад.

"Баркчӣ" ва "Вахш" низ натавонистанд ғолибро муайян кунанд - 2:2. Бо ин натиҷа "Баркчӣ" мавқеи худро дар миёнаи ҷадвал нигоҳ дошт.




| | | Б | Т/Т | И |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Истиқлол | 11 | 14:3 | 25 |
| 2 | Ҳосилот | 12 | 23:11 | 24 |
| 3 | Регар-ТадАЗ | 11 | 15:7 | 24 |
| 4 | КМВА | 11 | 14:12 | 19 |
| 5 | Равшан | 12 | 16:13 | 17 |
| 6 | Баркчӣ | 12 | 15:19 | 16 |
| 7 | Хуҷанд | 12 | 11:10 | 16 |
| 8 | Эсхата | 12 | 14:23 | 14 |
| 9 | Вахш | 12 | 15:16 | 14 |
| 10 | Парвоз | 12 | 10:17 | 12 |
| 11 | Сардор | 12 | 13:21 | 6 |
| 12 | Истаравшан | 11 | 9:17 | 5 |

РЕЗААХБОР




Бо ибтикори роҳбарияти клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе дар марқади футболбоз ва мураббии маъруфи футболи Тоҷикистон Мухсин Муҳаммадиев санги ёдгорӣ гузошта шуд. Мухсин Муҳаммадиев дар 60-солагӣ пас аз сактаи мағзӣ дар аввали имсол дар шаҳри Маскав аз дунё даргузашта буд.

***

Дастаи мунтахаби наврасони то 15-солаи Тоҷикистон дар Чемпионати куштии юнону румии Осиё дар шаҳри Паттайяи Тайланд ду медали тило, як нуқра ва ду нишони биринҷӣ ба даст овард. Тилоро Шамсуддин Инатуллоев (57 кг) ва Аловаддин Аловаддинзода (75 кг), нуқраро Амирдин Қурбонов (62 кг), биринҷиро Мирзоабубакр Урунов (44 кг) ва Юсуф Азимов (85 кг) соҳиб шуданд.

***

Дар Душанбе панҷумин Чемпионати футзали CAFA миёни дастаҳои мунтахаби занона ба анҷом расид. Дар чемпионат Тоҷикистон, Эрон ва Қирғизистон иштирок карданд. Дастаи мунтахаби занонаи Эрон ғолиб шуд. Ин даста бар муқобили Қирғизистон бо ҳисоби 5:0 ва бар Тоҷикистон бо ҳисоби 8:1 пирӯзӣ ба даст овард. Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳар кадом якимтиёзиро соҳиб шуданд.

***

Дар шаҳри Паттайяи Тайланд Чемпионати куштии тарзи озоди Осиё миёни наврасони то 15-сола ба анҷом расид. Ду варзишгари наврасн тоҷик дар ин мусобиқа якум шуданд. Абубакр Қаххоров дар вазни то 48 кг ва Абубакр Ҳакимов дар вазни 68 кг ба гирифтани нишонҳои тило ноил шуданд.

***

Дар Чемпионати футболи Тоҷикистон-2026 аз 1-уми июл равзанаи гузариши тобистона кушода шуд, ки то 29-уми июл идома меёбад. Дар ин муддат дастаҳо метавонанд бозигарони навро ба қайд гирифта, ҳайати дастаро барои марҳилаи дуюм пурқувват кунанд.




## МАСТӢ

Марде ба дӯсташ мегӯяд:
- Дирӯз сахт маст шудӣ, чӯра!
Дӯсташ ранчида, мегӯяд:
- Ман кай маст будам?
Мард мегӯяд:
- Чӣ хел маст набудӣ? Охир аз гиребони пешхизмат гирифта, талаб кардӣ, ки бароят дари берунро биёранду бадромада равӣ - ку?!

## ШАРОБ

Марде ба мағозаи шаробфурӯшӣ даромада, аз фурӯшанда мепурсад:
- Шумо тӯб доред?
Фурӯшанда мегӯяд:
- Не.
Мард боз мепурсад:
- Самокат чӣ?
Фурӯшанда мегӯяд:
- Бародар, ин чо мағозаи шароб аст!
Мард мегӯяд:
- Майлаш, як шиша май диҳед. Худо шоҳид аст, ман бо варзиш машғул шуданӣ будам.

## ХУРРОК

Дар як гурӯҳи занона бонуе савол медиҳад:
- Агар шавҳар хуррок мекашида бошад, чӣ кор бояд кард?
Посухи аввалин чунин мешавад:
- Калаи шавҳаратонро то қарсас зада садо бароварданаш тоб диҳед.

## САРДХОНА

Марде ба беморхона занг заданӣ шуда, ба рақаме занг равон мекунад. Садои форами занона мегӯяд:
- Гӯш мекунам.
Мард мепурсад:
- Ин чо қабулгоҳ аст?
Зан мегӯяд:
- Ин чо сардхона.
Мард саросема шуда:
- М-м-м, бахшиш, ба фикрам ҳоло барвақт аст ба шумо мурочиат карданам...
Зан мегӯяд:
- Ҳеч гап не, мо интизор мешавем.

## БОҒЧА

Падар барои писараш ба боғчаи бачагона рафта, ба мураббия мегӯяд:
- Истед, о ин писари ман нест ку!
Мураббия:
- Э фаркаш чӣ ако, пагох сахарӣ гирифта меоред ку!

## ҲИЛЛА

Марде дӯсташро ғамгин дида, мепурсад:
- Ба ту чӣ шуд?
- Занам ба истироҳатгоҳ меравад.
- Барои ҳамин зиқ шудӣ?
- Э не, агар ман хушҳол шавам, ӯ аз фикраш мегардад!

## ПИТЗО

Марде ба назди духтур рафта, мегӯяд:
- Духтурчон, дирӯз ман тасодуфан питзоро бо коғазаш хӯрдам. Акнун ман мемирам?
Духтур:
- Ҳамаи мо рӯзе мемирем...
Бемор:
- Ҳама мемиранд? Даҳшат, ман чӣ кор кардам!

## АСКАРӢ

Духтаре дар назди комиссариати ҳарбӣ истода, сахт гиря мекунад. Дарбон бо раҳм мепурсад:
- Дӯстдоштаатро ба аскарӣ бурданд чӣ?
Духтар:
- Ҳаа, ҳарсеяшро!

## ИППОДРОМ

Дар автобус марде аз гарданбанди пеши бари зане, ки овезааш ҳайкалчаи асп дорад, чашм намеканад. Зан тоқат накарда, мепурсад:
- Ҳа, аспак маъқул шуд чӣ?
Мард:
- Не, ипподром маъқул шуд!

## КУРТА

Дар тӯйи арӯсӣ кӯдаке гум мешавад. Аз ӯ мепурсанд:
- Модарат чӣ гуна курта пӯшидааст?
Кӯдак бо гиря:
- Куртаи холаамро...

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

